31 - СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 111 - 112 (4531 - 4532) | ЧОРШАНБЕ, 7 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ТАВАҶҶУҲИ ПРЕЗИДЕНТ, БАРАКАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА ЭЪТИМОДИ МАРДУМ

### Омилҳои асосии рушди парламентаризм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ҳаминҳоанд

**Бегуфтугӯ, парламенти мамлакат аз замони таъсисаш баҳри таҳкими асосҳои давлатдорӣ, таъмини волоияти қонун, густариши муносибатҳои гуногунҷанба бо созмон ва иттиҳодияҳои байнипарламентӣ фаъолияти шоиста дорад. Муҳим он аст, ки зимни баррасии масъалаҳои ба парламент воридгардида махсусияти фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ ба назар гирифта мешавад.**

Нафарони аз набзи ҷомеа ва рӯйдодҳои ҷаҳони муосир огоҳ хуб медонанд, ки фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ аз самтҳои афзалиятнок дар умури давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд ба ном мухолифин мавҷудияти парлумони Тоҷикистонро атрибути давлатдорӣ, ки гӯё фаъолияти начандон муассир дорад, арзёбӣ менамоянд, аммо дар асл ин гуна набуду нест.

Аз фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ дар бораи ҳар як давлат роҷеъ ба дараҷаи демокративу муосирӣ ва тамаддуннокии он баҳо дода мешавад. Хоса, дар шароити кунунӣ, ки бархӯрди манфиатҳо беш аз пеш шиддат ёфта истодааст, масоили марбут ба тавсеаи фаъолияти қонунгузорӣ ва мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқӣ сатҳу сифати навро касб намудаанд.

Мутаассифона, дар баъзе воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ чун сухан дар бораи мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор равад, аз ҷониби баъзе ба ном «коршиносон» зикр мегардад, ки «Парлумони Тоҷикистон лоиҳаи қонунҳои аз ҷониби Ҳукумат пешниҳодгардидаро бидуни баррасӣ ва муҳокимаву баҳс қабул менамояд». Ибрози чунин андешаҳо далели умуман огоҳ набудани ашхоси мавриди назар аз фаъолияти мақоми олии қонунгузори мамлакат аст. Онҳо, ҳамчунин, намедонанд, ки рисолати ду зинаи парлумон мутобиқи талаботи қонуни конститутсионӣ муайян шудааст ва амалӣ намудани хоҳишу дархости як иддаи аз ҳама кас ва ҳама чиз норозӣ ваколат ва рисолати аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон нест.

Тааҷҷубовар аст, ки як идда зимни таҳлили масоили ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор рабтдошта парлумонҳои пурмоҷарои дигар кишварҳоро намунаи ибрат нишон медиҳанд. Парлумонҳои пурхархашаеро, ки ба «шарофаташон» кишварҳои воҳид ва аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ба давлатҳои пароканда табдил ёфтанду иқтисодиёташон фурӯ пошид. Қисме аз ҳудуди чунин давлатҳоро давлати дигар бидуни парронидани тире ба қаламраваш «ҳамроҳ» намуду дар манотиқи дигар задухӯрд идома дорад.

Ҳадафи иншои ин матлаб амиқтар бурдани ҳамватанонамон андар шинохт, дарки зарурату моҳияти ин шохаи алоҳидаи давлатдорӣ, инчунин бозгӯӣ намудани дастовардҳои парлумон дар замони соҳибистиқлолӣ маҳсуб мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## МУРОҶИАТНОМАИ

### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сокинони мамлакат

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолааш ҳамеша фарҳангсолору маърифатпарвар, дурандешу ботаҳаммул ва дар роҳи ҳифзи шарафу номус матину устувор буда, дар гардишҳои пуртазоди зиндагӣ маҳз бо ҳамин хислатҳои неку ҳамида худро ҳифз кардааст ва рӯҳи истиқлолу озодихоҳиро ҳамчун ормони ҷовидонаи миллӣ зинда нигоҳ доштааст.

Расидан ба Истиқлолияти давлатӣ, ки сиву як сол пеш ба вуқӯъ пайваст, барои миллати шарафманди мо рӯйдоди бузурги таърихӣ дар ҷодаи амалӣ гардидани ормонҳои беш аз ҳазорсолааш мебошад. Вале, дар айёме ки давлати тозаистиқлоли мо аввалин қадамҳои худро мегузошт, Тоҷикистон бо фитнаву дасисаи неруҳои тундгаро, гурӯҳҳои ифротгаро ва хоҷаҳои хориҷии онҳо ба майдони мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва ниҳоят ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд.

Душманони миллати тоҷик бо истифода аз вазъияти бавуҷудомада нақшаҳои сиёҳи ба чанд порча тақсим кардан ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест кардани давлати ҷавони тоҷиконро тарҳрезӣ карда, барои амалӣ намудани он талош меварзиданд.

Мардуми Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки саркардагони неруҳои ифротгаро дар он айём иқтидори зеҳниву сиёсии идора кардани давлати соҳибистиқлолро надоштанд. Ҷомеа ба неру ва шахсияте ниёз дошт, ки заковату зарфияти сиёсӣ, сириштӣ пок ва ғурури баланди миллӣ дошта бошад, то давлатро аз вартаи нобудӣ ва миллатро аз хатари парокандагӣ раҳо бахшида тавонад.

Ба бахти мардуми тоҷик Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори қабули дигар қарорҳои созандааш ин гуна сиёсатмадорро дар шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайдо ва ба миллати азияткашидаи тоҷик эҳдо намуд. Маҳз бо сиёсати некбинонаву пайгиронаи ӯ Тоҷикистони тозаистиқлол дар як муддати кӯтоҳ на танҳо ба сарзамини мардуми сарҷамъу муттаҳид ва орому босубот табдил ёфт, балки дар қатори давлатҳои озод ва дар ҳоли тараққиёт мақоми арзанда пайдо кард.

Ҳамаи ин натиҷаи талошҳои ватандӯстонаву миллатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъ омада, бо дастгирӣ аз сиёсати дохиливу хориҷии давлати худ аз ҳамаи монеаву мушкилот бо сарбаландӣ гузаштанд.

Гузашти айём собит сохт, ки халқ дар интихоби Сарвари



муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар атрофи сиёсати созандаву инсонпарваронаи ин шахсияти беназири таърихӣ муттаҳид гардидани мардуми кишвар мебошад. Мардуми шарифи Тоҷикистон дар симои ин абармарди роҳи сиёсат ҳомии боэътимоди миллат ва кафили ҳаёти осоиштаро дида, тақдири минбаъдаи худ ва Ватанро ба ӯ бовар карданд.

Имрӯз Тоҷикистон дар фазои сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсӣ қарор дошта, мардуми он бо саодат умр ба сар мебаранд.

Дар баробари ин, бо дарназардошти вазъи печидаву бӯҳронии ҷаҳон, таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди аз даст надодани ҳушёриву зиракии сиёсӣ, баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва вусъат додани амалҳои созанда ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Зеро дар таърихи давлатдории навини тоҷикон мардум ва Ватани мо рӯзҳо ва давраҳои бисёр вазнинро аз сар гузарониданд.

Хушбахтона, мардуми шарафманду заҳматкаши Тоҷикистон бо такя ба ақлу ирода, сабру таҳаммул ва ҳисси баланди милливу эҳсоси гарми ватандӯстӣ дар атрофи кафил ва муттакои боэътимод - Пешвои миллат, Президенти давлат, ҷонибдории сиёсати давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ хато накардааст.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар шароити пуртазоду нобасомони ҷаҳони муосир ва бо дарназардошти эҳтимоли вуқӯи ҳолатҳои пешгӯинашаванда ба шумо бо камоли эҳтиром муроҷиат менамоем, ки бо мақсади ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияти марзу буми Ватани аҷдодӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва бо дарки масъулият дар назди таърихи гузашта, зиндагии имрӯза ва тақдири наслҳои оянда дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беш аз ҳар вақти дигар муттаҳид шуда, тамоми саъю талошро ба хотири бунёди давлатӣ, ҳуқуқбунёду демократӣ ва ҷомеаи пешрафта сафарбар созед.

Шумо - мардуми бонангу номуси Тоҷикистон хуб дарк мекунед, ки зиндагии осудаву ороми ҳар як оила, амалӣ гардидани нияту орзуи ҳар як шаҳрванд, ободии Ватан ва пешрафти давлат танҳо дар сурати пойдор будани сулҳу суботи комил ва иттиҳоду сарҷамъии ҳамаи мо имкон дорад.

**Ба пеш, ба сӯи музаффариятҳои нав бо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

## «ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД ТО ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ 12 ҲАЗОР ИНШООТИ ГУНОГУН БУНЁД ХОҲАД ШУД», -

### мегӯяд раиси вилояти Суғд, муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода



**- Муҳтарам Раҷаббой Аҳмадзода, мо дар арафаи ҷашни 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем. Шумо дар хусуси бунёдкориҳои даврони соҳибистиқлолӣ дар вилоят чӣ андеша доред?**

- Нахуст фарорасии солгарди ҷашни муборaку муқаддаси Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мардуми шарифи кишвар самимона муборакбод гуфта, ба ҳамватанон тансиҳатию осудагӣ, хонаи обод ва дар роҳи бунёдкории Ватани маҳбуб дастовардҳои нав ба нав орзу менамоям. Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат дар саросари Тоҷикистони азиз, аз ҷумла вилояти Суғд, корҳои бунёдкориву созандагӣ вусъати тоза ёфта, роҳҳои аҳамияти байналмилалидошта, нақбу пулҳо, иншооти энергетикӣ, иншооти соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг сохта, мавриди истифода қарор дода шуданд. Танҳо дар се соли охир ва дар доираи таҷлили ҷашни ҳумоюни миллат 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят беш аз 10 ҳазор иншооти гуногун бунёд ва ба истифода дода шуд, ки дар натиҷа, симои шаҳраку деҳот ва шаҳру ноҳияҳо боз ҳам зеботар ва ҳазорҳо нафар соҳиби ҷои кор гардиданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ИСТИҚЛОЛИЯТ ИМКОН ДОД, КИ БАРОИ РУШД ШАРОИТ ФАРОҲАМ ОВАРДА ШАВАД

### Мусоҳиба бо раиси вилояти Хатлон, раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Қурбон Ҳакимзода



**- Муҳтарам Қурбон Ҳакимзода, Шумо аз расидани Тоҷикистон ба Истиқлолияти давлатӣ чӣ бардошт доред?**

- Ташаккури зиёд. Бо камоли ифтихору самимият дар остонаи 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ, ки муқаддастарин ва бузургтарин ҷашни мардуми тамаддунсози тоҷик мебошад, мардуми сарбаланду меҳнатқарини Тоҷикистони азизро табрику муборакбод намуда, ба ҳар фарди худогоҳу худшиноси Ватани азизамон бахту саодат ва дастовардҳои нав орзу менамоям.

Дар ҳақиқат, 31 сол муқаддам халқи куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик ба дастоварди муқаддасу таърихӣ - Истиқлолияти давлатӣ ноил гардид, ки ҳоло ин падидаи бузурги таърихи навини халқамонро бо эҳсоси гарми ватандорӣ ва ифтихору сарафрозӣ таҷлил менамоем.

Мардуми тоҷик, хусусан сокинони вилояти Хатлон, хуб дар ёд доранд, ки солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ кишвари азизи мо бар асари фитнаву дасисаи душманони миллат ва хоҷагони хориҷии онҳо ба зарбаи даҳшатноку ҳалокатбор гирифтор шуда, дар он айёми фоҷиабор аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба воқеияти талх табдил ёфта буд. Вале, хушбахтона, мардуми кишвар дар атрофи Ҳукумати қонунӣ ва фарзандони бонангу номуси Тоҷикистон муттаҳид шуда, ягона роҳи дурусти таърихӣ, яъне эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявиро пеш гирифтанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА БА МАРДУМИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН

**Мардуми Ҷумҳурии Исломии Покистонро бориши зиёди борон ва ба амал омадани обхезиҳо, ки беш аз як моҳ боз идома доранд, ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ кардааст.**

Бар асари офатҳои табиӣ 1265 нафар ба ҳалокат расида, 33 миллион нафар шаҳрвандони кишвар зарар дида, беш аз як миллион манзили истиқоматӣ, роҳу пулҳо, дигар иншооти инфрасохторӣ ва заминҳои кишоварзӣ пурра хароб гардиданд.

Вобаста ба ҳолати мураккаби зикршуда бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармоиши Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода қабул гардид, ки дар асоси он ба мардуми Ҷумҳурии Исломии Покистон кумаки башардӯстона ҷудо карда шуд.

Кумаки башардӯстона аз 500 тонна орд, 500 тонна оби нӯшокӣ, 1000 тонна ангиштсанг, 1000 тонна семент ва 2000 адад шифер иборат мебошад, ки вазни умумиаш беш аз 3000 тонна буда, 12 миллиону 200 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи фармоиши зикргардида, сохтору мақомоти дахлдори кишвар барои то қаламрави Ҷумҳурии Исломии Покистон расонидани кумаки ҷудогардидаи башардӯстона вазифадор карда шуданд.

Иқдоми зикршуда нишондиҳандаи сиёсати башардӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

**www.president.tj**

# «ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД ТО ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ 12 ҲАЗОР ИНШООТИ ГУНОГУН БУНЁД ХОҲАД ШУД», -

мегӯяд раиси вилояти Суғд, муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода



(Идома аз саҳ. 1)

Марҳила ба марҳила афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар ҳама бахши иқтисоду иҷтимоиёти вилоят, аз ҷумла саноату кишоварзӣ, сохтмону алоқа, савдою хизматрасонӣ, таъмин гардида, солҳои охир нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба марҳилаи рушди бонизом тамоюл карданд. Натиҷаи рушди иқтисодӣ имкон дод, ки сатҳи маош ва даромади умумӣ ба ҳар як сари аҳолӣ зиёд гардида, сатҳи зиндагии мардуми вилоят нисбатан боло равад. Андешидани тадбирҳо оид ба рушди устувори макроиқтисодӣ, роҳандозӣ намудани сиёсати мутавозини пулию қарзӣ ва ислоҳоти сохторӣ барои афзоиши нақшаҳои буҷети давлатӣ мусоидат намуд.

Албатта, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ натиҷаи амалишавии силсилаи барномаҳои соҳавии умумидавлатӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.



**- Бешубҳа, пешравиҳои бузурге, ки дар вилоят дида мешавад, самараи неки соҳибистиқлолии мамлакат буда, саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноил шудан ба онҳо назаррас аст. Зеро шоҳиди онем, ки дар натиҷаи ҳар сафари кории Президенти мамлакат ба шаҳру ноҳияҳои вилоят созандагиву ободкориҳои зиёд рӯи кор омада, Сарвари давлат сокинон ва соҳибкорони ватандӯстро ба ободонӣ даъват карда, пешниҳодҳои мушаххас низ ироа менамоянд. Андешаи Шумо дар ин маврид чӣ гуна аст?**

- Пешравиҳое, ки дар гӯшаву канори мамлакат ба чашм мерасад, натиҷаи талош ва заҳмату кӯшишҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, зеро таъмини сулҳу субот ва хизматҳои мондагори Президенти мамлакат буд, ки имрӯз Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд расидааст.

Сокинони вилояти Суғд аз сафарҳои кории Сарвари давлат ба минтақаҳои гуногуни вилоят рӯҳу илҳоми тоза гирифта, баҳри ободӣ ва пешрафту шукуфоии Ватани маҳбубамон содиқона меҳнат мекунанд. Зимни сафарҳои кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иншооти гуногуни иҷтимоӣ ба истифода дода шуда, ҷойҳои нави кор ташкил карда мешавад, ки дар натиҷа, сатҳи зиндагии аҳолӣ боз ҳам беҳтар мегардад. Масалан, дар вақти сафари Пешвои миллат ба вилояти Суғд дар моҳи августи соли равон дар шаҳри Хуҷанд ҶДДМ «Ортопедия ва технологияи муосир», бинои нуҳошёнаи истиқоматӣ барои кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, муассисаи томактабии «Шукуфаҳои Истиқлол», Беморхонаи клиникавии шаҳрии № 1, дар шаҳри Гулистон бинои нави Маркази адлия, дар шаҳри Конибодом бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ, маҷмааи хизматрасонии «Тоҷи заррин», муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 7 ва 15, коргоҳи коркарди меваи хушки ҶСК «Конибодом», Боғи истироҳативу фароғатии «Истиқлол», бинои иловагии Беморхонаи маркази Конибодом, фабрикаи «Конибодом-паранда», кӯдакистони «Зангӯла», дар шаҳри Истаравшан Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумӣ, маркази инноватсионии «Суғдиён», маҷмааи хизматрасонии «Истаравшан плаза», бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ, корхонаи нассоҷии «Нури Истаравшан», корхонаи «Шарафи рӯз», дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи истеҳсоли халтаҳои полиэтилении ҶДММ «Ориён пак», дар шаҳри Бӯстон корхонаи истеҳсоли коғазҳои рангаи «Дурахшон Бӯстон», коргоҳи қолинбофӣ ва дӯзандагӣ ва дигар иншоот ба истифода дода шуд, ки дар натиҷа, садҳо нафар бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, ки аз сафарҳои кориашон ба шаҳру ноҳияҳои вилоят бармеоянд, мунтазам тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, барои таъмини рушди соҳаҳои хоҷагии халқ аз ҳама имконият истифода менамояд.

**- Вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз нигоҳи бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва тавлиди маҳсулоти саноатӣ пешрафта мебошад. Оё дар солҳои минбаъда низ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ба нақша гирифта шудаанд?**

- Дар вилояти Суғд беш аз 730 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, ҷиҳати зиёд намудани шумораи корхонаҳо ва номгӯи маҳсулот мунтазам тадбирҳои зарурӣ амалӣ мегардад.

Соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 122 корхонаи нави саноатӣ бо 3056 ҷои нави кор бунёд гардида, дар нақша ҳаст, ки то охири соли равон 145 корхона ба истифода дода шавад. Якҷо бо соҳибкорону сармоягузорон аз оғози сол то 90 корхонаи нави саноатӣ бо 2398 ҷои нави кор бунёд карда шуд.

Ҳадафи чоруми стратегии мамлакат эълон шудани саноатикунонии босуръати мамлакат аз тарафи Пешвои миллат ва «Солҳои рушди саноат» эълон гардидани солҳои 2022-2026 водор менамояд, ки дар ин самт беш аз пеш кор карда, дар таъмини рушди соҳа аз ҳама имконият истифода барем.

Бояд таъкид кард, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар 7 моҳи соли 2022 ба 12 миллиарду 890 миллион сомонӣ ва суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо ба 123 фоиз расонида шуд.

**- Дар вилояти Суғд дар баробари рушди соҳаи саноат дигар бахшҳо низ бо иқдому ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба инкишофанд. Мардуми вилоятро дарояндаи наздик чӣ пешравиҳо интизоранд?**

- Бале, дар баробари соҳаи саноат дар дигар соҳаҳо низ пешравиҳо назаррас аст. Ба унвони мисол, дар соҳаи кишоварзӣ дар 7 моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 5 миллиарду 477 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардид, ки ба 112 фоизи нишондиҳандаи ҳамин давраи соли қаблӣ баробар мебошад. Дар ин давра дар ҳама шакли хоҷагидорӣ 89 ҳазору 65 тонна картошка, 183 ҳазору 63 тонна сабзавот, аз ҷумла 41 ҳазору 882 тонна пиёз, 58 ҳазору 965 тонна мевагиҳо ва 68 ҳазору 311 тонна полезиҳо, гӯшти чорвою паранда бо вазни зинда 31 ҳазору 775 тонна, аз ҷумла гӯшти паранда 9370 тонна, гӯшти моҳӣ 334,2 тонна, шир 158 ҳазору 831 тонна, тухм 443 миллиону 603 ҳазор дона ва асал 308 тонна истеҳсол карда шудааст.

Мо дар асоси дастуру нишондодҳои Пешвои миллат минбаъд низ барои татбиқи барномаву стратегияҳои қабулшуда, расидан ба ҳадафҳои миллӣ фаъолият намуда, баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ талош менамоем.

**- Тавре маълум аст, дар вилояти Суғд таи солҳои соҳибистиқлолӣ сохтмони роҳу нақбҳо ва таъмиру барқарорсозии онҳо низ ба таври назаррас пешрафт намуд. Аз корҳои бузург дар ин самт бунёди нақбҳои «Истиқлол» ва «Шаҳристон» ба ҳисоб меравад, ки рафтуомади сокинонро осон намуд. Дар ин маврид Шумо чӣ андеша доред ва дар оянда барои рушди роҳсозӣ дар вилоят чӣ иқдомҳо рӯи даст гирифта шудааст?**

- Воқеан ҳам, ифтитоҳи ду нақби бузург – «Истиқлол» ва «Шаҳристон» ба таври воқеӣ ҷуғрофиёи воҳиди Тоҷикистони азизро чун рамзи ягонагии миллати шарафманд таъмин намуд. Бунёди нақбҳо ва шоҳроҳи Душанбе - Чанок барои миллат ва давлат бисёр зарур буд ва бо талошҳои Пешвои миллат ин кор сурат гирифт. Минбаъд роҳу нақбҳо ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат намуда, кишвар ба яке аз ҳадафҳои муҳими стратегӣ, яъне баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, мушарраф шуд.

Роҳу роҳсозӣ аз масъалаҳои таҳти таваҷҷуҳ буда, ҳар сол бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят садҳо километр роҳҳо мумфарш ва ҳазорҳо километри дигар таъмиру навсозӣ карда мешавад. Ҳар сол аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят нақшаи таъмиру мумфаршсозии роҳҳо тасдиқ гардида, барои иҷрои он маблағҳои зарурӣ равона мегардад. Дар асоси он тасмим дорем, ки марҳила ба марҳила роҳҳои ноободи байни деҳоти вилоятро низ таъмир ва мумфарш намоем.

**- Барои рушди бахшҳои хоҷагии халқи вилоят дар оянда боз кадом корҳоро амалӣ карданӣ ҳастед?**

- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд захираю имкониятҳои мавҷударо баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда, ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ меандешад.

Ҳоло мардуми вилоят барои сазовор истиқбол гирифтани ҷашни бузурги миллат 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ аҳлона меҳнат намуда истодаанд. Тибқи нақша, ният дорем, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ 12 ҳазор иншооти гуногунро бунёд ва мавриди истифода қарор дода, баҳри ободӣ ва пешрафту шукуфоии Ватани азизамон содиқона ҳисса гузорем.

**Суҳбаторо**
**АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло,**
**сармуҳаррири рӯзномаи**
**«Садои мардум»**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ИМКОН ДОД, КИ БАРОИ РУШД ШАРОИТ ФАРОҲАМ ОВАРДА ШАВАД



(Идома аз саҳ. 1)

Истиқлолияти давлатӣ имкон дод, ки мушкилоти ҷойдоштаро тадриҷан бартараф намуда, имконият ва шароити мувофиқ барои рушд фароҳам оварда шавад. Натиҷаи ҳамин аст, ки ҳоло дастовардҳои вилояти Хатлон назаррас буда, сатҳи зиндагии мардум сол аз сол баланд шуда истодааст.

**- Агар гӯем, ки тамоми фаъолияти кориатон дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон сипарӣ гардидааст, хато нахоҳем кард. Оид ба бунёдкориҳои даврони истиқлолият чӣ андеша доред?**

- Албатта, фаъолияти кории ман ба давраи истиқлолияти давлатӣ рост омада, бештар дар самти комплекси агросаноатӣ сипарӣ гардидааст. Аз ин рӯ, мехостам, доир ба хизматҳои беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ин давра ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат амалӣ гардиданд, ёдовар шавам.

Таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятдори стратегии Тоҷикистон маҳсуб гардида, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози соҳибистиқлолии мамлакат масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти сифатан баланди ғизоӣ ва бехатарии озуқавориро вазифаи муҳими Ҳукумат муқаррар карданд.

Сарвари давлат пайваста таъкид мекарданд, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – таъмини амнияти озуқаворӣ маҳз ба пешрафти он вобастагӣ дорад. Барои ба ин ҳадаф расидан аҳли заҳмат бояд даст ба кор шаванд. Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 ва 1 декабри соли 1997 аввал 50 ҳазор гектар ва пасон 25 ҳазор гектар, ҷамъ 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин заминҳоро мардум «замини президентӣ» ном мебаранд. Ин иқдоми Пешвои миллат барои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ махсусан нақши калидӣ ва таърихӣ бозидааст.

Танҳо дар вилояти Хатлон дар зарфи 31 соли охир ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ аз 3,7 миллиард сомонии соли 1991 то ба 20,7 миллиард сомонӣ дар соли 2021 афзоиш ёфтааст. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳо аз 131 ҳазору 44 тонна то ба 1 миллиону 32 ҳазору 680 тонна расидааст. Аз он ҷумла дар вилоят соли 1991 агар 238 ҳазору 61 тонна гандум истеҳсол шуда бошад, соли 2021-ум ин нишондиҳанда ба 610 ҳазору 569 тонна баробар шудааст. Ҳосилнокии миёнаи ғалладона аз 15 сентнери соли 1991 ба 38,4 сентнер дар соли 2021 расонида шуд.

Ҳамин тавр, дар 31 соли охир ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ истеҳсоли мевагӣ 13,9 маротиба, сабзавот -12,7, картошка -12,2, ғалладонагиҳо 4,3 маротиба, полезӣ 9,4 баробар, аз ҷумла гандум 139 фоиз, шолӣ -133, лӯбиёгиҳо -181,6, ангур -148,9 фоиз, гӯшт -180,2 фоиз, тухм 183,8 фоиз, асал 3,3 баробар афзун гардидааст.

**- Тавре маълум аст, вилояти Хатлон ҳамчун минтақаи аграрӣ шинохта шуда, мардум бештар ба истифодаи замин ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд. Аҳли заҳмати вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар мавриди истифодаи заминҳои бекорхобида, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, таъмиру таҷдид ва бунёди иншооти ирригатсионӣ, ҳамчунин ташкили хоҷагиҳои деҳқониву инфиродӣ ба чӣ пешравиҳо ноил гардиданд?**

- Дарвоқеъ, дар давраи солҳои 1991-2021 бо дастгирӣ ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Хатлон истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва гирифтани се-чор ҳосил аз як замин таъмин гардида, майдони кишти гандум 2,1 маротиба, шолӣ -1,9, ҷуворимакка барои дон -2,7, картошка -3,7, сабзавот- 3,5 ва полезӣ 2,1 маротиба зиёд гардида, истеҳсоли ғалладона 7,9 маротиба, аз ҷумла гандум -2,6, шолӣ -15,8, картошка -22,6, сабзавот -23,4, полезӣ -17,4, мева -25,6, ангур 2,8 маротиба ва ҳосилнокии онҳо аз 23,3 фоиз то 4,3 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар доираи барномаҳои қабулгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ майдони боғу токзор ба 60 ҳазор гектар расонида шудааст, ки аз он 366 гектарашро боғҳои интенсивӣ ташкил медиҳад.

Ҷиҳати нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, захира намудани маҳсулот ва таъмини бозори истеъмолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 46 адад анбор бо иқтидори 5547 тонна ва 55 адад сардхона бо иқтидори 20 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ барои захираи маҳсулоти аввалияи ғизоӣ омода мебошанд.

Дар соҳаи чорводорӣ низ дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ нишондиҳандаҳо назаррас арзёбӣ гардиданд. Дар натиҷаи меҳнати самарабахши чорводорон саршумори чорвои калону майда, паранда, асп ва оилаи занбӯри асал аз 1,7 то 2,5 маротиба ва истеҳсоли маҳсулоти соҳа, аз қабили гӯшт, шир, тухм, пашм ва асал аз 2 то 6 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи моҳипарварӣ диққати махсус зоҳир гардида, теъдоди хоҷагиҳои моҳипарварӣ аз 3 адад ба 261 адад расонида шуда, масоҳати кӯлу ҳавзҳо аз 1415 ба 2563 гектар ва истеҳсоли моҳӣ аз 462 ба 3303 тонна расонида шуд, ки 7,1 маротиба зиёд мебошад.

Ба рушди соҳаи парандапарварӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, теъдоди фабрикаҳои парандапарварӣ аз 7 адад то ба 24 адад, саршумори паранда аз 896,3 ҳазор сар ба 2,3 млн. сар, истеҳсоли тухм аз 32 ҳазор дона ба 108,6 млн. дона ва истеҳсоли гӯшти паранда дар ҳамаи шакли хоҷагидорӣ ба 13,3 ҳазор тонна расонида шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар сол хоҷагиҳои кишоварзии вилоят аз 12 ҳазор гектар то 18 ҳазор гектар замини байни боғу токзорҳо, партов, чарогоҳҳое, ки имконияти кишт намуданро доштанд, заминҳое, ки зери корҳои мелиоративӣ қарор доранд, самаранок истифода бурда, фаровонии бозори истеъмолиро таъмин намуда, ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани нарх дар бозорҳои вилоят ва ҷумҳурӣ саҳм гузошта истодаанд.

**- Яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои амалӣ гардидани он кӯшиш намуда истодаанд, аз ҷумҳурии аграрӣ ба саноатӣ-аграрӣ табдил додани Тоҷикистон аст. Дар ин хусус дар вилояти Хатлон чӣ чораҳо андешида мешавад?**

- Дар давоми 31 соли соҳибистиқлолии кишвар соҳаи саноати вилояти Хатлон босуръат рушд ёфта, дар шаҳру ноҳияҳо корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд ва номгӯи маҳсулоти саноатӣ сол ба сол зиёд шуда истодаанд.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, соли 1991 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 75 адад корхонаи саноатӣ фаъолият менамуданд, ки ин шумора соли 2021 ба 641 адад расонида шуда, дар ин давра беш аз 566 адад коргоҳу корхонаи нави саноатӣ мавриди истифода қарор гирифта, ҳазорҳо ҷои кори доимӣ таъсис ёфт.

Ҳамчунин, бунёди се минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумла МОИ-и «Панҷи поён», «Данғара» ва «Кӯлоб» дар самти рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ ва вилоят мусоидат намуда, истеҳсоли аксар маҳсулоти саноатии онҳо ба маҳсулоти ивазкунандаи воридот нигаронида шуда, имкон пайдо гашт, ки содироти маҳсулот ба хориҷи кишвар ба роҳ монда шавад.

**- Муҳтарам раис, албатта, рушди саноату кишоварзӣ барои муҳайё сохтани шароити арзанда ба мардум мусоидат**



**менамояд. Вале таълиму тарбия ва ба воя расонидани насли бунёдкору созанда ва фарогир ба донишҳои мукаммали замон бояд дар авлавият қарор дошта бошад. Дар вилояти Хатлон дар мавриди бунёду сохтмони мактабҳо, аз ҷумла муассисаҳои типи нав – литсейи давлатӣ, гимназияҳо, чӣ тадбирҳо андешида мешаванд?**

- Дар зарфи 31 соли истиқлолияти давлатӣ, дар соҳаи маорифи вилоят дигаргуниҳои назаррас ба амал омада, теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз 1002 адади соли 1991 ба 1362 адад дар соли 2021 расонида шуд.

Дар самти бунёди мактабҳои замонавӣ низ пешравии зиёд рӯи кор омаданд. Аз соли 1991 то ба ҳол 688 адад бинову муассисаи нави таълимӣ барои 150 ҳазору 889 ҷои нишаст, илова бар ин дар муассисаҳои таълимии вилоят барқарорсозӣ ва таъмири капиталии биноҳои таълимӣ ва ёрирасон гузаронида шуда, 25 муассисаи томактабӣ барои 2311 ҷой сохта, ба истифода дода шуд.

Дар ин муддат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи муассисаҳои томактабӣ аз 57 ба 160 адад расида, дар онҳо 17 ҳазору 379 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд.

Дар даврони истиқлолият бо ташаббуси Ҳукумати мамлакат дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маркази инкишофи кӯдакон, синф ва гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб таъсис ёфтанд. Айни замон теъдоди марказҳо 850 ададро ташкил медиҳад ва дар онҳо 24 ҳазору 388 кӯдак фаро гирифта шудаанд.

Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ ва Шаҳритус аввалин боғчаҳои хусусӣ ва ғайридавлатӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки айни ҳол зиёда аз 440 кӯдак дар онҳо тарбия меёбанд.

Бо истифода аз дастгирию ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таи солҳои истиқлолият дар вилоят 18 муассисаҳои интернатӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, ки дар онҳо 3150 нафар тарбиягирандагони ятиму бепарастор ва аз оилаҳои камбизоат фаро гирифта шудааст.

Ёдовар бояд шуд, ки яке аз самарҳои истиқлолияти давлатии мамлакат ташкили муассисаи типи нав, аз ҷумла мактаби президентӣ, гимназия ва литсейҳо, мебошанд. Айни ҳол дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 49 мактаби типи нав (3 мактаби президентӣ, 23 гимназия, 22 литсей), аз ҷумла 23 гимназияи давлатӣ, 2 гимназияи ғайридавлатӣ, 1 муассисаи таълимии хусусӣ, 22 литсеи давлатӣ фаъолият доранд. Дар 46 гимназия ва литсеи дар вилоят фаъолиятдошта, ҷамъ 19370 нафар хонанда, дар 831 синф аз рӯи 2 равия: ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (24 гимназия), табиӣ-математикӣ (22 литсей) фаъолият дошта, ба таълими шогирдони ин муассисаҳо 1310 омӯзгор фаро гирифта шудаанд.

**- Дар оянда, ҳамчун раиси вилояти Хатлон, чӣ нақшаву ниятҳо доред, то ки бо амалӣ гардидани иқдому ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сокинони вилояти Хатлон ба пешравиҳои боз ҳам арзандаву шоиста ноил гарданд?**

- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафарҳои кориашон ба вилоят, инчунин ҳангоми мулоқоташон бо фаъолон, ки санаҳои 24 феврал ва 18 июни соли ҷорӣ доир гардиданд, бо назардошти вазъи кунунии ҷаҳон ва дигаргуниву таҳаввулоти вақтҳои охир дар сайёра бамиёномада доир ба вазифаҳои аввалиндараҷаи дарпешистода, ҷиҳати пешгирии хавфу хатарҳои ҷойдошта, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, таъмини фаровонии бозорҳои истеъмолӣ, истифодаи самараноку оқилонаи заминҳо, вусъати ҷамъоварии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ, захиракунии маҳсулоти озуқаворӣ ва дар ин замина таъмини амнияти озуқаворӣ, инчунин амалигардонии рушди устувори соҳаи саноат, аз ҷумла бунёд ва мавриди истифода қарор додани корхонаю коргоҳҳо, таъсиси корхонаҳои нав, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, иҷрои барномаҳо, ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ, махсусан сармояи мустақим ва дигар масъалаҳои муҳиму афзалиятнок дар назди ҳар яки мо роҳбарону фаъолони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дастуру супориш ва вазифаҳои мушаххас гузоштанд, ки сокинони вилояти Хатлон баҳри амалӣ гардидани онҳо бо дасту дили гарм кор карда истодаанд.

Бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бунёду навсозӣ ва мавриди истифода қарор додани зиёда аз 6,2 ҳазор иншооти гуногун пешбинӣ гардида, боварии комил дорам, мо дар ҳамбастагию якҷоягӣ бо тамоми фаъолон, масъулон, соҳибкорон ва кулли сокинони шарафманди вилоят аз уҳдаи нақшаҳои пешбинишуда ба сари баланд мебароем ва ин ҷашни муқаддаси миллиро бо шукӯҳу шаҳомати хос ва дастовардҳои арзанда, сазовор истиқбол мегирем.

**Суҳбаторо**
**АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло,**
**сармуҳаррири рӯзномаи**
**«Садои мардум»**

**Бунёди давлати навин талошу заҳмати зиёдро тақозо мекунад ва барои амалӣ сохтани раванди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар ба вуҷуд овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ зарур аст. Воқеан, танҳо бо роҳи танзими қонунии равандҳои гуногуни ҳаёт ва муносибатҳои ташаккулёбандаи ҷомеа, ки дар давраи гузариш қарор дошт, амалигардонии ҳадафҳои стратегии давлат ва баланд бардоштани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ имконпазир буд.**



**РАҶАБЗОДА Равшан Муҳитдин,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз бузургтарин дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ дар тӯли сию як сол ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҷода Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд: «Конститутсия нишонаи нахустин ва муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дигар эътироф гардидани соҳибихтиёрии он аз ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз сарчашма мегирад».

Дар асоси Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994 таҳти № 1098 «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири татбиқи амалии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз 11 банд иборат мебошад, дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кумитаҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунбарорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон, оид ба сохтмони давлатӣ вазифа гузошта шуда буд, ки то 6 январи соли 1995 нақшаи ба Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро тартиб дода, ба муҳокимаи Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Дастоварди дигари истиқлолияти давлатӣ ва омили рушди қонунгузорӣ Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Созишномаи мазкур 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ба имзо расида, аз 4 бахши асосӣ иборат мебошад: бахши ҳуқуқӣ – (самти қонунгузории мамлакат); бахши низомӣ – (масъалаҳои низомӣ); бахши муҳоҷирин – (масъалаҳои гурезаҳо) ва бахши сиёсӣ – (парламенти касбӣ).

Истиқлолияти давлатӣ ба ваҳдати миллӣ вобастагии қавӣ дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми шодбошиашон ба муносибати Рӯзи ваҳдати миллӣ иброз доштаанд: «Таъмин намудани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ки аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакат сарчашма мегирад, барои қатъи мухолифати мусаллаҳона ва ҷангу хунрезӣ, сарҷамъии миллати тоҷик, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва таъсиси низоми ҳуқуқии адолатпеша асоси мустаҳкам гузошт».

Дар ин росто, ба хотири таҳкими сулҳу ваҳдат, таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, густариши равандҳои демократӣ, таъмини рушди устувору бомароми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, ҷиҳати мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ ва таҳияву қабули қонунҳо дар асоси ислоҳоти конститутсионӣ аз соли 2000 парламенти касбӣ таъсис дода шуда, фаъолияти босамар дорад.

Дар сию як соли Истиқлолияти давлатӣ дар роҳи амалишавии мақсаду мароми ҷомеаи навин, яъне бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ вакилони даъватҳои якум – панҷум тавонистанд қадамҳои устувор гузошта, сиёсати давлатро барои боз ҳам васеътар ворид намудани меъёрҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда ба низоми қонунгузории миллӣ равона намуда, зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул намоянд, ки аз инҳо: 17 қонуни конститутсионӣ, 23 кодекс ва зиёда аз 380 қонун мебошанд. Ҳамзамон зиёда аз 700 санади ҳуқуқии байналмилалӣ ба тасвиб расонида шуданд.

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо мақсади рушди давлатдории миллӣ, мусоидат ба инкишофи демократикунонии минбаъдаи ҳаёти ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати онҳо, ҷалби ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ 22 июни соли 2003 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳои воридгардида меъёрҳои Конститутсияро такмил дода, тибқи он, ҷомеа ба марҳилаи навбатии инкишоф ворид гардид.

22 майи соли 2016, тибқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд. Субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар таҳия ва пешниҳоди тағйиру иловаҳои мазкур аз назария ва амалияи пешқадамтарин кишварҳои ҷаҳон дар самти қонунгузорӣ истифода бурдаанд.



Бояд қайд намоем, ки дар асоси тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра ба талаботи тағйироту иловаҳо мувофиқ гардонида шуд.

Барои рушди минбаъдаи қонунгузории Тоҷикистон аз ҷумлаи санадҳои муҳим, воқеан ҳам, тасдиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум ба шумор меравад.

Стратегияи навбатӣ чор ҳадафи стратегиро барои давлати мо бо фарогирии 15 сол дар бар мегирад: расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан; таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»-ро, ки марҳилаҳои якум ва дуюми татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» маҳсуб мешаванд, тасдиқ намуд.

Қабули «Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011 таҳти № 1021 тасдиқ шудааст, дар рушди қонунгузории мамлакат мавқеи хосса дорад.

Барои амалӣ намудани консепсияи зикршуда ва танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ барномаҳои давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои зерин қабул ва амалӣ карда шудааст: «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ барои солҳои 2012-2015», «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф барои солҳои 2012-2015», «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2012-2015» «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ барои солҳои 2012-2015», «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2015», «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015».

Вобаста ба рушди қонунгузории мамлакат қабули «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 тасдиқ шудааст, хеле саривақтӣ буда, инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ин ҳуҷҷати муҳими ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамқадами замон буда, дар асоси «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» бояд ба самтҳои зерин таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд:

- таҳияи заминаҳои ҳуқуқии рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун авлавияти раванди қонунэҷодкунӣ;
- қабули меъёрҳои нави қонунгузорӣ, ки ба табдилсозии Тоҷикистон аз кишвари аграриву саноатӣ ба саноативу аграрӣ мусоидат менамоянд;
- мукаммал намудани қонунҳои вобаста ба низоми иҷозатдиҳӣ, коҳиш додани сарбории маъмурии соҳибкорон, сода намудани тартиби иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла додани литсензия, сертификат ва аккредитатсия;
- таҳким бахшидани манбаи қонунгузорӣ оид ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);
- истифода намудани тамоми имкониятҳои қонунгузорӣ ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза беамон ба муқобили коррупсия.

Мутмаинем, ки онҳо дар ин самт низ комёб хоҳанд буд.



**Муҳтарам ҲОТАМ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

# БОД ИСТИҚЛОЛ ПОЯНДА

**Нек омад ҷашни Истиқлол,**
**Бахт хандон шуд ба истиқбол.**
**Зинда бодо, зинда Истиқлол,**
**То абад поянда ин иқбол!**

**Парчами моро баланд афрохт,**
**Зиндагониро зи дигар сохт.**
**Ҳаққи моро баҳри мо пардохт,**
**Кишвари моро ҷаҳон бишнохт.**

**Гашт Истиқлол пандомӯз,**
**Роҳи Истиқлол шуд фирӯз.**
**То абад, ҳар соату ҳар рӯз**
**Бод Истиқлоли мо пирӯз.**

**Зиндагиро зеби дигар дод,**
**Кишвари моро намуд обод.**
**Шаҳру деҳи нав шуда бунёд,**
**Халқ шуд соҳибватан, дилшод.**

**Кард Истиқлоли мо боло**
**Обрӯву шуҳрати моро.**
**Дар миёни халқу кишварҳо,**
**Дар ҳама дунёи бепаҳно.**

**Ин Ватан моро дилу ҷон аст,**
**Маҳзари уммеду армон аст.**
**Гӯшае аз боғи ризвон аст,**
**Ёдгоре аз ниёгон аст.**

**Ҳаст Истиқлол созанда,**
**Зиндагониро барозанда.**
**Бод баҳри насли оянда**
**Зиндаву ҷовиду поянда!**

# ТАВАҶҶУҲИ ПРЕЗИДЕНТ, БАРАКАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА ЭЪТИМОДИ МАРДУМ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар ин бора метавон зиёд навишт. Вале бо овардани чанд далел иктифо менамоям. Қабл аз ҳама бояд ёдовар шавем, ки 6 ноябри соли 1994 халқи Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул кард ва мувофиқи он, Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки интихобот ба даъвати якуми он 25 феврали соли 1995 баргузор гашт, мақоми олии намояндагӣ эътироф гардид.

Минбаъд, дар баробари дигар соҳаҳо, зарурати такмили парламент низ ба миён омада, дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқии 26 сентябри соли 1999 оид ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳи Маҷлиси Олии думаҷлиса қабул гардид. Дар ин замина, ба Конститутсия тағйироту иловаҳо ворид гардид, ки боби сеюми он - моддаҳои 48 - 63 фаъолияти Маҷлиси Олиро дар бар гирифт. Мутобиқи он, Маҷлиси Олӣ, ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ду маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст, ки иқдоми фавқ барои пурмаҳсул, тибқи талаботи байналмилалӣ қабул гардидани қонунҳо ва асноди ҳуқуқӣ-меъёрӣ заминаи мусоид муҳайё кард.

Заруратӯ моҳияти ин иқдомро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шарҳу тавзеҳ дода, аз ҷумла гуфтанд: «Таъсис ёфтани парламенти думаҷлиса дар сохтори давлатдории мо дигаргунии бунёдӣ мебошад ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ имрӯз ба яке аз рукнҳои боэътимоди мақоми қонунгузори кишварамон табдил ёфтааст, зеро мутобиқи Конститутсия аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ карда шудани қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагон кафолати муҳими қабули қонунҳои мукаммал, босифат ва ҷавобгӯ ба манфиати мардум мебошад».

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон доир ба рисолати ин ниҳод таъкид карданд: «Мақоми қонунгузор на танҳо дар қабули қонунҳо, балки дар таъмини иҷрои қонунҳо, роҳ надодан ба мухолифати онҳо, инчунин пуррагии низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ низ ҳавасманд бояд бошад».

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамон тавре Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ зикр карданд: «Мақомоти намояндагии умумимиллист, ки вазифаи қонунгузориро иҷро мекунад. Мақомоти намояндагист, ки дар он аҳолӣ ва минтақаҳои кишварро вакилони интихобгардида намояндагӣ мекунанд. Дар сохтори ҳокимияти давлатӣ мавқеи басо муҳим дошта, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди ҷомеа ва давлат, такмили фаъолияти қонунгузорӣ ва таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ нақши арзанда мегузорад. Яке аз вижагиҳои фаъолияти Маҷлиси миллӣ дар он аст, ки бахши асосии аъзои он намояндагони воҳидҳои марзиву маъмурӣ, яъне минтақаҳои кишвар буда, Маҷлиси миллӣ дар фаъолият манфиатҳои онҳоро ба манфиатҳои умумимиллӣ мувофиқ мегардонад ва ба ин васила, андешаи онҳоро ҳангоми қабули қонунҳо ба назар мегирад».

Муҳимияти мавҷудият ва фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз дар он зоҳир мегардад, ки Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми як моҳи баъди интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ даъват ва дар он иштирок мекунанд. Тибқи муқарраротӣ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя тасдиқи фармони Президент дар бораи таъин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат, тасдиқи фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулода, ризоят ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, таъини интихоботи Президент, қабули истеъфои Президент ва сарфароз гардонидани Президент бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаи олии ҳарбӣ дохил мебошад.

Дар қонуни зикршуда салоҳияти Маҷлиси миллӣ дар алоҳидагӣ низ мушаххас шудааст, ки таъсис, барҳам додан ва тағйир додани сарҳади воҳидҳои марзиву маъмурӣ, муқаррар намудан ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии онҳо, интихоб ва бозхонди раис, муовини якум, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент, бекор кардани дахлнопазирии раис, муовини якум, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, ризоят барои таъин ва озод намудани прокурори генералӣ, муовини якум ва муовинони ӯ, интихоби намояндаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамон ҷумлаанд.



Пӯшида нест, ки баъзеҳо дар бораи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маълумоти кофӣ надоранд ва маҳз ин ҷанба то ҷое боиси ба миён омадани андешаҳои нодуруст мегардад. Ҳуқуқэҷодкунӣ, чунон ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» шарҳ дода шудааст, фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ба ибораи дигар, раванди эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оғоз ёфта, минбаъд зинаҳои баррасӣ, қабул, интишор ва қатъи ин санади меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, фарогири пурраи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда амалӣ мешавад. Тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», субъектони ҳуқуқэҷодкунанда халқи Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошанд.

Табиист, ки пешсафи ин раванд парлумон аст. Ваколати мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқэҷодкунанда дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар шудааст.

Далелҳо бениҳоят зиёданд, ки тӯли солҳои фаъолият Маҷлиси миллӣ дар самти такмили қонунгузорӣ ва қабули қонунҳои ҳаётан муҳим, ки ба таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва беҳтар шудани шароити зисти мардум нигаронида шудаанд, корҳои назаррасро анҷом додааст.

Месазад арҷгузорӣ намоем, ки дар даъвати кунунӣ аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сармашқи кор қарор додани дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу давлатӣ рисолати хешро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро намуда, дар ин замина пешравиҳои назаррас рӯи кор омаданд. Далел: Дар чор иҷлосияи даъвати шашум маҷмӯан, 108 қарор қабул шуда, аъзои Маҷлиси миллӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ теъдоди зиёди лоиҳаи қонунҳои конститутсиониро таҳия ва пешниҳод намуданд.

Илова бар ин, бо ибтикори Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ташкили муҳокимаҳои парламентӣ ба марҳилаи сифатан нав ворид гардида, тавсияҳои дар онҳо қабулшуда ба рафъи мушкилоту камбудиҳои соҳаҳо таҳрик бахшиданд.

Дар ин давра робитаҳои байнипарламентӣ низ тақвияту тавсеа ёфта, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ташаббускори Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди байнипарламентӣ, Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди парламентии Созмони ҳамкории исломӣ, Ассамблеяи парламентии осиёӣ ва Ассамблеяи парламентии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мебошад.

Далелҳои мазкур гувоҳи онанд, ки аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳангоми пешбарӣ ва интихоб гардидани Раис, муовинон ва аъзои тозаинтихоби Маҷлиси миллӣ, дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати шашум, дар бобати он ки «аъзои Маҷлиси миллӣ бояд қонунҳоеро таҳия ва пешниҳод намоянд, ки ба таҳкими истиқлолият, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва густариши муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла пешрафти соҳибкорӣ, беҳдошти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, истифодаи самараноку сарфакоронаи замин ва дигар боигариҳои табиӣ, таъмини волоияти қонун, пешгирии ҷинояткорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шуда бошанд», сармашқи кор қарор дода, дастовардҳо қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоишанд.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолиятро дар асоси усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, волоияти қонун, ошкорбаёнӣ, дастаҷамъӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба роҳ мондааст.

Ба зиммаи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти азим вогузор буда, ҳамон тавре ки Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Вакилон бояд намунаи поквиҷдонӣ ва садоқат ба Ватану миллат бошанд ва дар сафи пеши мубориза бо ҳама гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ қарор дошта бошанд».

Тӯли фаъолият Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро қабул намуд, ки ба рушди соҳаҳои гуногун такони ҷиддӣ бахшиданд. Ба шарофати ин иқдом, дар бахшҳои иқтисодиёт, тандурустиву иҷтимоӣ ва илму маориф навгониҳои назаррас рӯи кор омада, рушди муттасил таъмин гардид.

Ҳадафи санадҳои меъёрии қабулгардида дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва ташкили ҷойҳои кор маҳсуб шуда, ин ибтикор барои ҳалли мушкилоти соҳаҳо, мусоидат кард.

Роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба тавсеаи равобити байналмилалӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, бо 76 кишвари дунё гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ таъсис додааст. Ба шарофати ин иқдом таҷрибаи қонунгузории давлатҳои мутараққӣ дар раванди фаъолият васеъ истифода мегардад.

Тавре Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар бораи ҷамъбасти фаъолияти Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум иброз дошт, «Дар ин давра 35 ҷаласаи Шӯро ва 28 иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, 665 санади меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷониби субъектҳои ташаббуси ҳуқуқи қонунгузорӣ барои баррасӣ 127 қонун, аз ҷумла 20 қонуни мукаммал, 3 кодекс, 6 қонуни конститутсионӣ оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, 56 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, 42 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо, инчунин беш аз 39 созишномаву протокол ва дигар санадҳои меъёрӣ манзур гардиданд».

Дар асоси моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд, дар як вақт субъекти ҳуқуқэҷодкунанда муқаррар гардидаанд. Яъне, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар баробари ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, инчунин салоҳияти ҳуқуқэҷодкуниро доро мебошанд. Ҳамзамон, мутобиқи қонуни зикргардида, гарчанде аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд, субъекти ҳуқуқэҷодкунанда нестанд. Ба ибораи дигар, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд, танҳо ҳуқуқи таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро барои баррасӣ ва қабул доранд. Бо назардошти ин ҷанба, вакилони Маҷлиси намояндагон 45 лоиҳаи қонунро пешниҳод кардаанд.

Ба мисли Маҷлиси миллӣ, дар фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагон гузаронидани муҳокимаҳои парламентӣ мавқеи хос дорад. Дар давраи мавриди назар 11 муҳокимаи парламентӣ баргузор шуда, аз тариқи таҳлили барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба сохторҳои марбута тавсияҳо барои рафъи камбудиҳо ирсол гардиданд.

Барои амалӣ сохтани раванди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар мавҷудияти заминаи мукаммали ҳуқуқӣ нақши бориз дорад. Бо назардошти ин, солҳои соҳибистиқлолӣ барои дар сатҳи хубу сифати баланд пеш рафтани фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида шуд.

Ҳамон тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтанд: «Танҳо бо роҳи танзими қонунии равандҳои мухталифи ҳаёт ва муносибатҳои ташаккулёбандаи ҷомеа, ки дар давраи гузариш қарор дошт ва мардуми кишвар ба марҳилаи созандагиву бунёдкорӣ қадамҳои нахустин мегузоштанд, ноил шудан ба пешравиҳо, амалигардонии ҳадафҳои стратегии давлат ва баланд бардоштани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ имконпазир буд».

Хулоса, таваҷҷуҳи Президенти мамлакат, баракати соҳибистиқлолӣ ва эътимоди мардум омилҳои асосии рушди парламентаризми миллӣ маҳсуб шуда, ба шарофати фаъолияти вакилони халқ собит гардид, ки ин ниҳод дар пешрафти мамлакат саҳми босазо дорад.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**



**Рустам ЛАТИФЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин**

# ЗАМИНАИ МУКАММАЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ – АСОСИ ПЕШРАФТИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**Вақт ҳамчун довари бузургу беназир ба раванди марҳилаҳои гуногуни ҷомеасозӣ дар ҳама давру замон баҳои холисона дода, собит намудааст, ки маҳз шахсиятҳои бузург қодиранд инсонҳоро дар ҳалли масъалаҳои печидаву мураккаби сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ раҳнамоӣ карда, дар қалбу дидаи мардум умед ба зиндагии шоиста ва ояндаи дурахшонро афрӯзанд.**

16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти барои миллати тоҷик ниҳоят ҳассосу мушкил ва сарнавиштсоз баргузор шуда, дар он аз ҷониби вакилон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якдилона Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Ташаккули сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз ҳамон иҷлосияи таърихӣ ва пешниҳоду ташаббусҳои неки Сарвари давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардид.

Аз тарафи дигар, Истиқлолияти давлатӣ зарурати навсозии низоми миллии ҳуқуқии мамлакатро ба миён овард. Бо ташаббуси Президенти мамлакат ҷиҳати пешбурди рушди кишоварзӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуд.

Аз рӯзҳои аввали ба кор шурӯъ кардани Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба кишоварзӣ ва ба истифодаи захираҳои табиат масъалаҳои меҳварӣ буданд.

Вакилони халқ тавассути омӯзиш ва таҳлили вазъи воқеии ҳаёт дар таҳия ва такмили қонунгузории соҳаи аграрӣ, ташкил ва баргузории муҳокима ба соатҳои парламентӣ, муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаи қонунҳо, қабули шаҳрвандон ва амалӣ намудани дигар ваколатҳои намояндагӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ роҷеъ ба аҳамияти соҳаи кишоварзӣ ва ҷойгоҳи хоси он дар ҳаёти иқтисодии мамлакат таъкид карданд, ки бояд ислоҳоти соҳа гузаронида шавад.

Соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқии муҳайё намудани шароит барои рушди баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидориро муҳайё сохт.

Тағйироти куллии баъдӣ дар муносибатҳои аграрӣ ва оғози раванди ислоҳоти аграрӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 таҳти №342 «Дар бораи ҷудо намудани 50 ҳазор гектар замин барои хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон», аз 1 декабри соли 1997 таҳти №874 «Дар бораи ҷудо намудани 25 ҳазор гектар замин барои хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон» ва аз 25 июни соли 1996 таҳти №522 «Дар бораи таҷдиди корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ» оғоз ёфт.

Моҳи декабри соли 1996 қабул гардидани Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав барои танзими муносибатҳо вобаста ба истифодаи замин асосҳои ҳуқуқии гузаронидани ислоҳоти бомуваффақияти заминро ба миён овард.

Қабули Кодекси замин ба муайян кардани принсипҳои қонунгузории замин, асосҳои заминсозӣ, пешбурди кадастри давлатӣ, назорати истифода, пардохт ва ӯҳдадориҳои заминистифодабарандагон, муносибатҳои ҳуқуқӣ дар идоракунӣ, ихтиёрдорӣ ва ҳифзи захираҳои замин барои манфиати тамоми шаҳрвандони мамлакат асос гузошт.

Соли 1997 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» қабул гардид, ки барои хусусигардониии моликияти совхозҳо (хоҷагиҳои давлатӣ) заминаи ҳуқуқиро ба миён овард. Маҳз санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур самти асосии рушди кишоварзии Тоҷикистонро муайян сохтанд.

Ҳамчунин, дар асоси Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 1998 таҳти №1021 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» содир шуд, ки дар асоси он барои гузаронидани ислоҳот ва таҷдиди ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ шароити мусоид фароҳам омад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин аз давраи аввали фаъолият дар сохтори парлумони касбии мамлакат фаъолияти густурдаро ба роҳ мондааст. Дар ин давра қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассосиатсияи истифодабарандагони об», «Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор», «Дар бораи олами ҳайвонот», «Дар бораи ҳифзи хок», «Дар бораи парандапарварӣ», «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» бо тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи соҳавӣ қабул карда шуданд. Аз ҷониби аъзои кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ» дар таҳрири нав таҳия шуданд.

Соли 2010 барои муайян кардани заминаи ҳуқуқии сиёсати давлатӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» мавриди амал қарор дода шуда, бо назардошти аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидани Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растанӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» қабул гардид.

Таҷрибаи давлатҳои рушдкарда собит месозад, ки маҳз бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, ташкили марказҳои логистикӣ ва тибқи талаботи бозор ба стандартҳои байналмилалии сифат ба роҳ мондани коркард, бандубаст ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ рушди устувори комплекси агросаноатӣ таъмин мешаванд. Ин самтҳо дар сиёсати давлатии аграрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, ба ҷорӣ намудани дастовардҳои нави илмию техникӣ ҷиҳати мунтазам таҷдиду такмил додани истеҳсолот равона гардидааст. Маҳз ташаккули низоми ҳуқуқии идоракунии захираҳои замину об, пешбинӣ намудани имтиёзҳо барои рушди соҳаҳои алоҳида, таҷдиди пешбурди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва ташаккули сохтори институтсионалӣ дар ҳар чӣ бештар тақвият бахшидан ба рушди устувор имконияти хубро ба миён меоранд.

Якчанд қонунеро қайд кардан зарур аст, ки дар давоми даъвати панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015 - 2020) қабул ва ба ин мақсад равона шудаанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири нав) «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ва «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об», «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он», «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо», «Дар бораи ниҳолпарварӣ», «Дар бораи чарогоҳ» ва тағйиру иловаҳо ба як қатор қонунҳои амалкунандаи соҳа аз ҳамон ҷумлаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускори фаъоли ҳалли масъалаҳои глобалии вобаста ба тағйирёбии иқлим ва истифодаи самараноки захираҳои об эътироф шудаанд. Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи умумии СММ соли 2003 «Соли оби тоза», солҳои 2005 - 2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об» ва солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» эълон гардиданд.

3 марти соли 2021 нишасти аввалини Панели сатҳи олӣ оид ба масъалаҳои об ва иқлим доир гашт. Зимни суханронӣ дар он, бо таъкиди моҳияти баланди пиряххо дар раванди иқлимофарӣ, ташаккули захираҳои об ва рушди илми обшиносӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси нави сатҳи глобалиро дар хусуси эълон доштани соли 2025 «Соли ҷаҳонии ҳифзи пиряххо» ва муқаррар намудани «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо» барои ҷаҳониён пешниҳод намуданд. Аз ин лиҳоз, истифодаи оқилонаи об ҳамеша дар мадди назари мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар қарор дошта, барои муайян кардани заминаи ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи об як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд. Чунки соҳаи кишоварзӣ дар рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат мавқеи хоса дошта, 20 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби он ба даст оварда мешавад ва наздик ба 65 дарсади аҳолии мамлакат маҳз дар бахшҳои марбут ба кишоварзӣ шуғл меварзанд.

Ҳамчунин, таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва зиёд шудани талабот ба захираҳои об, ки сабабҳояш афзоиши аҳолӣ, коҳиши захираҳои об дар натиҷаи таъсири тағйирёбии иқлим, афзоиши офатҳои табиӣ, бӯҳрони молиявӣ, шаҳрсозӣ ва дигар мушкилот дар соҳаи об мебошанд, зарурати гузаронидани ислоҳот дар соҳа ба миён овард.

Ислоҳоти соҳаи оби Тоҷикистон бо қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 таҳти №1713 «Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии захираҳои об» оғоз гардид. Дар стратегияи мазкур ҳамчун қисми таркибии ислоҳоти кишоварзӣ ба инобат гирифта шуда, он ба принсипҳои умумии танзими идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар ҳавзаҳои дарёҳо асос меёбад. Дар он масъалаҳои ба эътибор гирифтани манфиатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва муҳити зист тавассути идоракунии босубот ва рушди захираҳои об таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст.

Ҳалли масъалаҳои мазкур дар раванди гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи об, аз ҷумла гузариш ба принсипи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, такмили ҷиддиро дар қонунгузории ҷории соҳаи об низ ба миён овард. Биноан, соли 2020 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид. Дар он вазифа ва принсипҳои қонунгузории соҳаи об, ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об, идоракунии ҳавзавии захираҳои об, саҳми ташкилотҳои дахлдор дар идоракунии ҳавзавии захираҳои об ва дигар масъалаҳои муҳими муносибатҳо дар соҳа мушаххас гардонида шуданд.

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ беш аз 50 қонуни соҳавӣ қабул гардида, барои фаъолияти устувори соҳа заминаи ҳуқуқии мукаммал фароҳам шуд.

Бунёд ва такмили заминаи ҳуқуқии рушди устувори соҳа имкон дод, ки ислоҳоти ботадриҷи бахшҳои гуногуни он таъмин гардида, натиҷаҳои пешбинишуда дар ташкили муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва дар маҷмӯъ таъмини амнияти озуқаворӣ ба даст оварда шаванд.

Тибқи таҳлилҳо, рушди миёнаи солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 1997 - 2021-ум 7,5 фоизро ташкил додааст.

Дар доираи татбиқи барномаҳои соҳавӣ майдони боғу токзори кишвар ба беш аз 200 ҳазор гектар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 1991-ум 2,2 баробар зиёд мебошад. Яъне, дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар зиёда аз 112 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд гардид.

Бо дастури Пешвои миллат аз андозу пардохтҳо озод кардани воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои рушди соҳаи парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвою паранда имкониятҳои васеъро фароҳам овард.

Соли 2021 шумораи корхонаҳои парандапарварӣ ба 212 расида, нисбат ба соли 2017-ум 3,2 баробар зиёд гардид. Ин имкон дод, ки соли 2021 нисбат ба соли 2017 истеҳсоли гӯшти паранда дар ҷумҳурӣ 4,6 баробар ва истеҳсоли тухм 5,6 баробар зиёд гардад. Ҳамчунин, дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда соли 2021 нисбат ба соли 2017 шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 374 адад расида, истеҳсоли моҳӣ дар давраи муқоисашаванда 2,4 баробар афзуд.

Тибқи таҳлилҳо кишоварзони мамлакат дар дигар самтҳо низ ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштанд. Масалан, соли 2021 нисбат ба соли 1991 галладонагиҳо қариб 5,4 баробар, картошка - 2, сабзавот - 7,4, зироатҳои полезӣ - 3,8, меваҷот - 7, ангур - 4, гӯшт - 2 ва тухм 2,3 баробар зиёд истеҳсол карда шуд.

Тадбирҳои амалигардида имконияти сол аз сол беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии аҳолиро ба миён овард. Танҳо солҳои 2011-2021 истифодаи даромади аҳолӣ барои хариди хӯрокворӣ аз 67,3 дарсади соли 2011 то ба 49,2 дарсад соли 2021 кам гардида, мутаносибан барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа 4,5 дарсад ва пардохти хизмати шахсӣ ва истеҳсолӣ 1,7 дарсад равона шудааст.



Бо мақсади дастгирии бештари давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ аз ҷониби Пешвои миллат кишоварзони мамлакат соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шуданд. Ҳамаи ин таваҷҷуҳу ғамхориҳо ба рушди соҳа ва ҳавасманд гардонидани кишоварзони мамлакат такони ҷиддӣ бахшиданд.

Амалӣ гаштани сиёсати иқтисодии давлат дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини боэътимоди аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқа, рушди комплекси агросаноатӣ ва таъҷилан эътино кардан ба хатарҳои беруна ва дохилии бозори озуқа, ҳамкории самарабахши байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва зарурати таҳия ва қабули лоиҳаҳои қонунҳои нави соҳавиро талаб менамояд. Аз ин хотир аъзои Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин бо сармашқи кор қарор додани дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшишу ғайрат ва донишу малакаро ба он равона месозанд, ки зимни таҳия ва қабули қонунҳо ба сифат ва самаранокии онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад.



**Зайнуддин САФАРОВ,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МУЛКИ ОБОД АСТ ИСТИҚЛОЛИ МО

**Соли 1991 бо пошхӯрии Давлати Шӯравӣ ҳама ҷумҳуриҳои он соҳиби истиқлолият шуданд. Соҳибихтиёрии миллии халқи мо, ки баъди чандин садсола ба даст омад, дар таърихи халқи тоҷик назир надорад.**

**Аз ин рӯ, 9-уми сентябри соли 1991- Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи миллати тоҷик бо хатти заррин ҳаккокӣ гардид. Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ халқи мо дар саросари ҷаҳон шинохта шуд ва бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри шукуфоӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кишвар дар самтҳои сиёсат, иқтисод, илму фарҳангу варзиш қадамҳои устувор гузошта шуд.**

Тавре ки маълум аст, баробари расидан ба ин неъмати бузург бо «кӯшиш»-и «дӯстонамон» ба сари халқи мо ҷанги бародаркуш таҳмил гардид ва пас аз ним соли расидан ба истиқлолият ҷумҳурӣ ба буҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ мувоҷеҳ шуд. Бар асари ин фитна даҳҳо ҳазор нафар кушта шуданд, мутахассисони зиёд ҷумҳуриро тарк намуданд. Хатари аз харитаи сиёсии ҷаҳон бардошта шудани номи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқи моро таҳдид менамуд.

Хушбахтона, хиради азалии миллати соҳибтамаддуни мо алайҳи барангезандагони низоъ боло гирифт ва дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсатмадорони варзидаи тоҷик ба сари қудрат омаданд ва зина ба зина мушкилоти мавҷударо ҳал намуданд. Азму субот ва матонату ҷасорати Сарвари давлатро истиқбол гирифта, халқ ӯро Президент интихоб намуд. Сипас, неруҳои некхоҳи миллат дар атрофи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъ омада, соли 1997 ба сулҳу ваҳдати миллӣ расиданд ва барои рушди ҳамаҷонибаи кишвар мусоидат намуданд.

Моҳияти Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки қадри шаҳрванд ва инсон ба дараҷаи меъёрҳои олии давлатдории муосири демократӣ баланд бардошта шуд. Сохтори бар асари ҷанги шаҳрвандӣ фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барқарор гашт. Ислоҳоти конститутсионӣ дар мамлакат амалӣ ва Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро беш аз 170 давлати дунё ба расмият шинохтааст. Тоҷикистон бо эътирофи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва бисёр созишномаҳои дигари байналмилалӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷиашро амалӣ месозад. Бо талошҳои пайгиронаи Давлату Ҳукумати Тоҷикистон баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат корҳои зиёд амалӣ шуданд.

Истиқлолият маънои соҳиби озодии мутлақ буданро дорад. Ҳар миллате, ки аз ин неъмати бузург бархӯрдор аст, дар муайян кардани сарнавишти хеш соҳибихтиёр мебошад. Қабули Конститутсияи нав ба таҳияи санадҳои қонунгузории сифатан нави ҷавобгӯи талаботи меъёри байналмилалӣ мусоидат намуд. Бори аввал дар ҷумҳурӣ қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра қабул гардиданд. Тибқи қонунгузории нав, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон, риояи қонун ва таъмини адолат вазифаи аввалиндараҷаи давлат маҳсуб меёбад. Яке аз самтҳои дигари муваффақ дар замони истиқлолият зинда кардани мероси фарҳангӣ ва расму оини миллист. Суннатҳои миллӣ эҳё шуданд, забони тоҷикӣ асолаташро пайдо намуд, коргузории расмӣ бо забони давлатӣ сурат гирифт. Дар баробари эҳтироми анъанаву суннатҳои миллӣ Тоҷикистон ба арзишҳои маънавии умумибашарӣ низ ҳамеша арҷгузор аст, ки ин ҳама аз файзи истиқлолият ба даст омад.

Барои ҳар як миллати соҳибтамаддун истиқлолияти давлатӣ волотарин армони миллӣ ба ҳисоб меравад. Ҳастӣ ва бақои ҳар як миллат аз истиқлолият ва дар истиқлолият ба амал меояд. Аз таърих бармеояд, ки қавм ё миллатҳое, ки дорои истиқлолияти миллӣ ва давлатӣ ҳастанд, рӯ ба инкишофи маънавию фарҳангӣ ва сиёсиву иқтисодианд, аммо зиёд қавму миллатҳое ҳастанд, ки бо вуҷуди соҳиби номи миллӣ будан ва дорои марзу бум ва фарҳангу забони муштарак будан, аз истиқлолияти комил маҳруманд. Дар тамаддуни башарӣ чанд қавме ҳаст, ки онҳоро бо номи мутамаддин, бунёдкор ё созанда мешиносанд.

Хушбахтона, мо - тоҷикон миллати бунёдгузору тамаддунсоз мебошем. Ниёкони мо аввалин кишоварзон ва шаҳрсозони башар буданд; онҳо аввалин давлатҳои ибтидоиро бунёд гузоштаанд, аввалин императории оламро барпо карданд, ки дар асоси адолат ва низом идора мешуд (Куруши Кабир), аввалин эъломияи ҳуқуқи башарро эҷод карданд (манифести Куруши Кабир), аввалин маротиба низоми пулиро ҷорӣ карданд (ислоҳоти пулии Дориюши Кабир), аввалин бор дар таърих низоми девони давлатиро ҷорӣ намуданд (стратапҳо), ки баъдан дигар қавму миллатҳо аз он дастовардҳо баҳра бурданд. Мардуми мо соҳиби тамаддуни бузургу ҷаҳонӣ аст, ки онро дар пояи давлатдории мутамарказ ва қавмӣ (аз Каёниён то Сомониён) бунёд намуданд. Ин маънои онро дорад, ки миллати тоҷик яке аз аввалин қавмҳоест, ки дар даврони таърихӣ истиқлолияти марзию давлатӣ ва фарҳангию қавмӣ бунёд кардааст. Вақте ки мо истиқлолият мегӯем, истиқлолият аз худи мо, хонаи мо, тафаккури мо, муносибату рафтори мо, саҳми мо ба миллат ибтидо мегирад ва баъдан ба истиқлолияти кулл мепайвандад.

Давлати навини мо дар ибтидои роҳи истиқлолият қарор дорад, яъне, мо дар пайроҳаи бузурги таърихии халқамон бо ҳамон ормонҳои таърихии миллӣ, вале ташаккулёфта, нав, ҳамқадами ҷаҳони муосир роҳ паймоем. Ба истиқлолияти сиёсиву фарҳангӣ, иҷтимоиву инсонӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа асосан тавассути зербинои иқтисоди мамлакат метавон расид, ҳарчанд дар замони ҷаҳонишавии муосир (глобализатсия) баъзан паҳлуҳои иқтисодиёт ва сиёсат ба ҷаҳони беруна вобастагӣ дорад ва аз ҷараёни умумибашарӣ вобастаанд, вале миллате аз ин ҷаҳонишавиҳо берун меояд, ки дар пои худ устувор бошад. Истиқлолияти воқеӣ он аст, ки як фарди озод соҳиби давлати пояндаву сарзамини ободу осуда ва ояндаи хушбинонаи бозмондагонаш бошад. Истиқлолият бузургтарин дороии ҳар миллат ва халқ аст. Миллати созандаи мо низ соҳиби ин неъмат аст. Ин ормони ҳазорсолаи наслҳои ин марзу бум буд, ки бо исми озодагон машҳур мебошанд.

Ҳамчун як тан шаҳрванди ин кишвари соҳибистиқлол, ҳамзамон вакили халқ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтихорманд аз онам, ки ба шарофати сиёсати оқилонаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишварамон тайи 31 соли Истиқлолияти давлатӣ зери осмони софу беғубор умр ба сар мебарем. Ҳар фарди соҳибхирад, навобаста ба кору соҳааш, бояд ҳаёти осоиштаи имрӯзро ба солҳои 90 - уми асри ХХ қиёс намуда, дар ниҳоди фарзандонаш ҳисси ватандӯстиву расидан ба қадри сулҳу осоиштагиро бедор созад ва дар ин радиф, ифтихор аз Ватану ватандорӣ намояд.

Зарур ва ногузир аст, ки қабл аз ҳама, истиқлолияти ботинӣ, ҳувияти миллӣ, ягонагиву якпорчагӣ ва эҳтиром ба худу арзишҳои миллӣ, ба марзу бум ва ормонҳои миллиро дар мадди аввал гузошта, Ватанро на бо сухан, балки бо қалби саршор аз меҳру муҳаббат дӯст дорем.

# ҲИФЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ҲИФЗИ АСОЛАТУ ҲУВИЯТ АСТ

**ҶАВҲАРӢ Муҷибахон Одил,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**Сиву як сол аст, ки тоҷи заррини давлати соҳибистиқлоли мо бо рангу ҷилои хосааш ба дилу дидаи ҳар яки мо - соҳибватанон умеду рӯшанӣ бахшида, шуълаи ҳаётбахши он ба сарзамини биҳиштосо, ба кору зиндагӣ ва кошонаву манзили мо нуру зиё ва файзу ғановат ҳадя меорад.**

Бо итминон метавон гуфт, ки сиву як соли соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сиву як зинаи камолоти миллату давлат дар ҷодаи эҳё ва рушду нумӯи давлатдории миллӣ ва ҳам эъмори ҷомеаи демократӣ аҳамияти бузург дорад.

Давоми ин солҳо дар Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ва падидаҳои фараҳбахши рушду инкишофи ҷомеа дар ҳама ҷабҳа - чӣ иқтисоду сиёсат ва чӣ иҷтимоиёту фарҳанг амалӣ гардиданд. Ин равандҳо, албатта, ба густариши рӯзафзуни обрӯву нуфузи Ватани азизамон - Тоҷикистон ва болоравиии мақому эътибори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ боис гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра ба соҳаи маориф афзалият дода, рушду инкишофи онро яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати худ эълон кардааст. Маорифро пояи асосии давлат шуморида, рисолати муҳими он, яъне тарбияи шахсияти маърифатноки насли наврасро ба хатти заррин навиштааст. Бале, вазифаи аввалиндараҷаи мактабу маориф тарбияи насли босаводу илмнок аст. Ҳамон насле, ки иқболи наку дорад, ояндаи босаодати миллатро муаррифӣ хоҳад кард. Дар ин ҷода аз олимон, омӯзгорону мураббиён, тақозо шуда, ки дар донишандӯзии шогирдон, неруи зеҳнӣ ва қобилиятро босамар истифода баранд, онҳоро дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, маърифатпарастӣ ва илмҷӯӣ тарбия намоянд. Зеро таҷриба исбот кардааст, ки донишу хирад неруи асосии инсоният ва давлату миллат аст ва дар ин радиф Пешвои миллат дар паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии кишвар борҳо таъкид намудаанд: «Ҷавонони мо дар ҳар ҷое бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд». Хоса, дар замони пуртазоди имрӯза донишу хиради устувор сипарест бар муқобили чолишҳои равониву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ, адабиву ахлоқӣ ва маҳз ҷавонони соҳибақлу соҳибфазл арзишҳои милливу фарҳангиро ҳифз менамоянд, худшиносиву худогоҳӣ, суботи ҷомеа, пойдории ваҳдату якпорчагӣ ва ҳаёти солимро пеша мекунанд. Танҳо тавассути хирад метавон неку бад, сафеду сиёҳ, хайру шарро шинохт ва нафъе ба ҷомеа расонд. Дар мавриди донишомӯзӣ Бенедикт Спиноза ҳам гуфтааст: «Ҳамин дониш аст, ки тавоноию озодӣ бахшида, саодати ҷовидонӣ низ маҳз дар донишандӯзӣ ва толиби лаззати ақлӣ будан аст».

Истиқлолияти давлатӣ ба ҷавонон имкониятҳои васеи фаъолиятро муҳайё намудааст, ки дар ҳама соҳа пешсаф бошанд. Таҳсилу омӯзиш дар мактабҳои замонавӣ ва муҷаҳҳаз бо технологияҳои нав, қабул ба мактабҳои олӣ тавассути Маркази миллии тестӣ, иштироки фарогир дар озмунҳои фаннӣ, ташкил ва баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат» ва татбиқи садҳо барномаҳои давлатӣ дар самти таълими босифат ва тайёр намудани мутахассисони варзида танҳо ба хотири тарбия намудани насли сазовор мебошад, ки ояндаи давлату миллат ба онҳо вобастагии калидӣ дорад.

Тавассути ин барномаҳо аллакай ҷавонони саодатманди кишвар бо инкишофу навовариҳои илм ва таҳқиқи корҳои бузург саҳифаҳои таърихи истиқлолро пур карда истодаанду дар миёни ҷомеа талошу ҳаракат ба беҳбуди зиндагии хеш ва кишвар доранд. Моҳияти донишандӯзиву илмҷӯиро дарк намуда, мақому мартабаи устоду муаллим ва олиму зуфунунро ҳам соҳиб гаштаанд, ки маҳз истиқлолияти давлатӣ тарҳи муваффақе дар қисмати онҳо рехтааст. Ҷавобан ба тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавонон бояд гуфтаҳои зерини Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор қарор диҳанд: «Ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ин ҳифзи асолат, ҳувият, забон, расму оин, садоқату вафодорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва риояи одобу ахлоқи миллӣ аст».

**Воқеан, Истиқлолияти давлатие, ки бо талошу ҷонфидоии миллати тоҷик, пеш аз ҳама, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омад, дар таърихи на танҳо халқи тоҷик, балки таърихи инсоният падидаи нодир, бесобиқа ва фавқулода арзёбӣ мегардад. Он мардуми тоҷик ва давлати Тоҷикистонро ба ҷаҳониён бо дигар арзишу афзалиятҳои миллӣ муаррифӣ намуда, мужда аз ояндаи нек дод. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ кишварҳои зиёди минтақа ва ҷаҳон бо Тоҷикистони ҷавони навтаъсис равобити сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ ба роҳ монда, дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дӯсти боэътимод ва дипломати сатҳи баландро ёфтанд.**

такмил ёфта истодааст, ки тасдиқи он амалҳои зиёди бунёдкоронаи давлату миллат мебошад. Имрӯз сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Пешвои маҳбуби тоҷикони ҷаҳон рамзи гӯёи тафаккури миллати тоҷик аст, ки беҳтарин арзишҳои мардуми моро инъикос менамояд. Ба таври дигар, мо ҳамон миллатем, ки дар тӯли таърих аз дигар қавму миллатҳо фақат ҷабр дидаву мукофоти амали онҳоро тавассути муносибати хайрхоҳона ва ҳамзистии неки ҳамсоягӣ қадр намудаем.

Таърихи ташаккули тафаккури миллии мо садсолаҳоро дар бар мегирад ва решаҳои он ба қаъри таърих, аниқтараш ба замони салтанати муваффақонаи сулолаҳои тоҷик, рафта мерасад. Имрӯз забони тоҷикӣ ҳамон забони нобу шево ва гӯшнавозест, ки бо он Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷомиву Бедил ва Донишу Айнӣ васфи зебоиҳои Ватан намудаанд. Аз ин рӯ, месазад, ки



**ГУЛАҲМАДЗОДА Зулфиқор Аҳмад,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИСТИҚЛОЛ ВА ТАФАККУРИ МИЛЛӢ

Инак, 31 сол аст, ки мо бо сиёсати ҷаҳони имрӯза ҳамраъй буда, мавқеи устувори хешро соҳибем. Чунин пойдорӣ аз устувории андешаву тафаккури миллии мо оғоз меёбад, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба таври мусбат такмил ёфт. Тафаккури миллӣ, ба андешаи инҷониб, шакли умумишуда ва суфташудаи андешаи созандаи халқу давлат мебошад, ки зери шиори ягона шакл мегирад ва мақсади муайянро ҷиҳати рушди давлат дар пай дорад. Он метавонад дар худ арзишҳои миллиро фаро гирифта, ҷиҳати боз ҳам бештару хубтар муаррифӣ намудани онҳо имконият фароҳам орад. Ба таври дигар, тафаккури миллӣ дараҷаи баланди зоҳиршавии орзуву ормонҳои миллат буда, ҳадафи он сарҷамъ намудан ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардумро дорад.

Агар аз даричаи даврони соҳибистиқлолӣ ба умқи начандон дури таърих назар афканем, маълум мегардад, ки мо дар муддати 100 соли охир зери таъсири сиёсати давр аз муҳимтарин унсурҳое, ки ягонагии тафаккури миллиро таъмин менамояд, ба таври фоҷиавӣ ҷудо будем ва солиёни зиёд натавонистем аз мавҷудияти онҳо садо баланд кунем. Чунин унсурҳои тафаккурсоз, пеш аз ҳама, таъриху тамаддун, забон, фарҳанг, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти миллӣ буданд, ки замони ҳокимияти шӯравӣ ба таври сунъӣ аз мадди назар дур монда буданд.

Истиқлолияти давлатиро метавон нуқтаи ниҳоии зуҳури омилҳои мазкур ва тантанаи адолати иҷтимоиву ташаккули тафаккури миллӣ ҳисобид. Аз ҳамон рӯз то инҷониб тафаккури миллӣ дар сурати ягона ва созандаву некбинона забонро ҳамчун унсури муҳими ташаккулдиҳандаи тафаккури миллӣ унвон дод ва нисбат ба он беш аз ҳарвақта арҷу эҳтиром гузошт:

**Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,**
**Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.**
**То забон дорад, ватандор аст ӯ,**
**То забондор аст, бисёр аст ӯ.**

Дар баробари забон таъриху фарҳанги тоҷикӣ, ки зарфи садсолаҳо ба таври аёну пинҳон аз худ дарак медоданд, тавонистанд мавҷудияти миллати тоҷик ва минбаъд ташаккули тафаккури миллии онро таъмин созанд. Маҳз таърихи бой ва фарҳанги ғаниву фарогирандаи беҳтарин ҷашну маросимҳои миллӣ буданд, ки имрӯз мо боифтихор аз онҳо ёдоварӣ менамоем ва баҳри ташвиқу тарғиби онҳо аз ҳама имконият истифода менамоем. Арзишҳои мазкур низ дар баробари дигар унсурҳо омилҳои такмилдиҳандаи тафаккури миллӣ маҳсуб меёбанд.

Ба таври умум, метавон гуфт, ки имрӯз тафаккури миллии мардуми тоҷик дар ҳоли такмилёбист ва умед аст, ки бо чунин ҷараён ва дар партави сиёсати некбинонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ояндаи наздик ба авҷи инкишофи таърихӣ хоҳад расид. Инро мо дар сарҷамъиву якдилии миллат, суботи сартосарӣ, рушди устувори иқтисодӣ, вусъати ҳамкориҳои дуҷониба бо дигар кишварҳо ва дигар омилҳои ёрирасон мушоҳида карда метавонем. Зеро ба қавли Муҳаммад Иқбол:

**Худо он миллатеро сарварӣ дод,**
**Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.**
**Ба он миллат сарукоре надорад,**
**Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.**

# ФАЙЗИ ҚУДУМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги дохилӣ боиси хароб гардидани садҳо шаҳру деҳ, ҳалокати одамон, рӯ ба таназзул овардани соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ шуд. Нотавонбинон шароитро мусоид дониста, ба корҳое даст заданд, ки мардуми одӣ дилшикаставу рӯҳафтода шуданд. Дар ноҳияи Рашт (Ғарм) вазъият бештар риққатовар буд. Мардум гуруснаву побараҳна мунтазири саранҷоми кор буданд ва ба ояндаи худ ва кишварашон чандон бовар надоштанд.**

Ноҳияи замоне дар соҳаи картошкапарварӣ номдор чанд соли охир имконият надошт, ки тухмӣ пайдо кунаду картошка кишт намояд. Аз 18 ҳазор сар чорвои калони шохдор ва 28 ҳазор сар моли майда соли 1992 ҳамагӣ 618 сар чорвои калони шохдор ва 1994 сар моли майда боқӣ монд. Пиллакорӣ аз байн рафт. Дар ҳар деҳа садҳо қуттии холии занбӯриасалпарварӣ ба чашм мерасид. Боғҳо рӯ ба нестӣ оварданд. Одамон ба хотири аз ҷанги гуруснагӣ раҳонидани хонаводаашон доруи худро ба ду-се халта орду сабӯс иваз мекарданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани иқтисодиёти ин гӯшаи зебои Ватан солҳои 1993-1996 маблағи зиёд ҷудо карда бошад ҳам, бо сабабҳои маълум на ҳамаи барномаҳо амалӣ гардиданд. Биноҳои маъмурӣ солҳои зиёд таъмирро надида, вазъи ногувор доштанд. Роҳбарияти ноҳия танҳо пайи он талош мекард, ки вазъият таҳти назорат бошад ва зиндагии осудаи сокинони ноҳия пурра таъмин гардад. Метавон аз хизмати арзандаи собиқ раисони ноҳия Сайдулло Хайруллоев, Туғон Абдуҷабборов ва Маҳмадшариф Толибов ёд кард.

Роҳбари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он вазъи душвор чанд маротиба ба водии Рашт сафари корӣ намуданд. Бо мардум вохӯрда, тасаллияшон медоданд, дилбардорӣ мекарданд. Доимо таъкид менамуданд: «Ҳамаи мушкилотро якҷоя паси сар мекунем. Ба рӯзҳои нек мерасему боз шодию хурсандӣ менамоем. Ҷудоие, ки байни халқи тоҷик имрӯз ба вуҷуд омадааст, кори дасти бегонагон аст…».

Панду андарз ва суханҳои ҷозиби Сарвари мамлакат ба сокинони ноҳия мисли нӯшдору буд. Онҳо ба Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бовар карданд. Бовар карданд, ки метавонанд миллати пора - порагаштаро ба ҳам биёранд. Якпорчагии кишвару ягонагии миллатро таъмин намоянд.

27 июни соли 1997 ҷаҳониён аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон байни тарафҳои даргир дар кишвари тоҷикон хабар ёфтанд. Баъд аз имзои созишнома дар ноҳияи Рашт зиндагӣ маънои дигар пайдо кард. Акнун масъулини баландпоя бештар меомаданд. Вазъиятро таҳлил намуда, ба хотири ободии ноҳия барномарезӣ мекарданд. Дубора соҳаи кишоварзӣ эҳё шуд. Барномаҳои давлатию ғайридавлатӣ шароит фароҳам овард, ки деҳқони раштӣ боз картошкаю ғалла кишт кунаду чорводор соҳаашро тараққӣ диҳад. Пиллакорон низ дастгирӣ ёфтанд. Соҳаи занбӯриасалпарварӣ эҳё гардид. Дар бозорҳои дуру наздики ҷумҳурӣ асали номдори Рашт пешкаш шуд.



Кор дар ҳавзаи ангишти Назарайлоқ дар ду мавқеъ - Кафтархона ва Шикорхона оғоз шуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади тезонидани кор дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия созмонҳои байналмилалиро ҷалб намуд.

Соли 2000 дар ноҳия ҳамагӣ дар 1,5 гектар замин картошка кишт намуданд. Соли 2001 майдони кишти картошка ба 92 гектар расид. Ғаллакорӣ ривоҷ ёфт ва дар 4300 гектар гандум кишт шуд. Раиси вақти ноҳия Муҳаммадшариф Толибов пайваста барои пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия чораву тадбирҳои зарурӣ меандешид.

Соли 2001 пиллапарварӣ эҳё шуд. Дар масъалаи ҷоннок намудани соҳаи пиллакорӣ Барномаи ҷаҳонии озуқа кумаки шоиста намуд.

16 сентябри соли 2000 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ғарм омаданд. Суҳбатҳои самимонаи Роҳбари давлат мардумро ба ояндаи нек дилгарм намуд.

Соли 2001 барои мардуми ноҳияи Ғарм воқеаи муҳими таърихӣ рух дод. Орзуи деринаи ин мардум ҷомаи амал пӯшид. Дар ин кор саҳми Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят калон буд. Дархости сокинони ноҳия ва пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқ оид ба эҳё намудани номи қадимаи ин гӯшаи зебои диёр дар иҷлосияи Маҷлиси Олӣ аз 30 апрели соли 2001 қонеъ гардид. Ноҳияи Ғарм Рашт ном гирифт.

Соли 2002 дар бораи ноороми вазъ дар Рашт овозаҳои дурӯғ паҳн мешуд. Душманони миллати заҷркашида овоза карданд, ки қувваҳои бегона дар деҳоти «Ҳоит» пинҳон шудаанд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба навоҳии Рашт сафари корӣ намуданд ва дар ин сафар нависандагону рӯзноманигоронро аз дигар мамолик ҳамроҳашон оварданд, то бо чашми сар вазъро дида, ҳақиқати ҳолро ба ҷаҳониён расонанд.

Моҳи августи соли 2002 сафари Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳоит аз дилгармӣ ва маҳбубияти Роҳбари давлат ба ин мардум гувоҳӣ дод. Бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт корҳои зиёди бунёдкорӣ ба субот расиданд.

Зимни ин сафар Сарвари давлат аз кони ангишти Назарайлоқ боздид карданд. Таваҷҷуҳи роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ба истифодаи оқилонаи кони мазкур, беҳтар намудани вазъи роҳҳои мошингард, истифодаи технологияи навтарин ва сохтмони мактабу дигар иншооти муҳим ҷалб гардид.

Президенти мамлакат дар Ҳоит бо мардум вохӯрданд. Ба майдони варзишии деҳаи Ҳоит аз тамоми деҳаҳои ин музофот, ҳатто аз ноҳияҳои ҳамсоя марду зан омада буданд. Сарвари давлат шаб меҳмони мардум шуда, бо ташрифашон ба ин диёр файзу баракат оварданд. То ҳанӯз мардуми Ҳоит он шабро бо ифтихор ба ёд меоранд ва мегӯянд, ки «на ҳар деҳаи дурдастро насиб мекунад, ки Сарвари давлат меҳмон шавад».

Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷашни Рӯзи ваҳдати миллӣ соли 2006 дар ноҳияи Рашт баргузор гардид. 26 июни соли 2006 ба ноҳияи Рашт меҳмонони зиёд омаданд. Раштиён ҳатто дар дуртарин деҳа меҳмонхонаҳоро ороста, дастархон густурданд. Он шаб ба чашми касе хоб наомад. На мизбонон хобиданду на меҳмонон. Онҳо ташнаи дидори якдигар, суханҳои ҳамдигар буданд. Садои мусиқӣ фазои танги кӯҳистонро пур карда буд. Гоҳ садои шодравон Зафар Нозим баланд мешуду гоҳ овози дилошӯби Ҷӯрабек Мурод. Фалаки Давлатманд боми фалакро меларзонду лаҳни ширини Саидқул Билолов ба дилҳои дардманд марҳам шуд. Дар ҳақиқат, шаби ваҳдати миллӣ буд.

Устод Меҳмон Бахтӣ шеър мехонд. Ҳанӯз суханаш ба анҷом нарасида, насими форами кӯҳистон аз гӯшаи дигар овози Ҳақназари Ғоиброро меовард, Гулназар шеър мехонду Саидалии Маъмур, устод Муъмин Қаноату Гулрухсор, Раҳмат Назрию Назри Яздон…

Шабе буд, ки бори дигар бародарони ҳамхуну ҳамзабонро наздиктар гардонд. Мардум хеле равшан пай бурданд, ки Сарвари давлати тоҷикон чӣ шахсияти хирадманданду дили бузурге дар синаашон хуфтааст. Дар ҳақиқат, ин шахсияти бузург - меъмори қасри ваҳдати миллат тавонистанд дилҳои шикастаро пайванд кунанд, захмҳоро дармон бахшанд ва бародарро ба оғӯши гарми бародар раҳнамоӣ кунанд.

Дар майдони варзишӣ 27 июн он қадар одам ҷамъ шуда буд, ки агар сӯзанро мепартофтанд, ба замин намерасид. Ҳама мунтазири омадани Президенти мамлакат буданд…

Пешвои миллат дар ҳузури гирдиҳамомадагон суханронӣ карда, дар бораи дӯстии мардуми Тоҷикистон, ваҳдати миллӣ, бунёдкорию созандагӣ, худшиносию нангу номуси ватандорӣ суханҳои хотирмон гуфтанд. Аз фарзандони номдори Раштонзамин, ки дар тӯли солиёни пешин барои миллат хизмат кардаанд, самимона ёдовар шуданд.

Ҳамон рӯз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Фармон дар бораи ба унвони олии Ватан сазовор гардидани фарзандони фарзонаи миллат Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур қироат карданд.

Хурсандии сокинони ноҳияро ҳадду канор набуд. Онҳо бовар карданд, ки мақсади Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон созандагию бунёдкорист. Чунин қадрдонӣ мардуми заҳматкаши ноҳияи Раштро рӯҳбаландтар намуд.

Дар «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Рашт барои солҳои 2012-2016», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011 таҳти №600 тасдиқ гардид, ҷиҳати пешрафти соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия нақшаҳои мушаххас пешбинӣ гардида, бо ҷалби маблағҳои соҳибкорон, буҷети маҳаллӣ ва сармояи дохилию хориҷӣ имконияти мусоид фароҳам шуд. Дар асоси барномаи мазкур солҳои 2012-2016- ум 73 иншоот ба маблағи 105 миллиону 265 ҳазору 800 сомонӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Тасдиқи барномаи мазкур ғамхории навбатии Сарвари давлат ба мардуми ноҳияи Рашт буд.

Таъсиси Донишкадаи омӯзгорӣ дар водии Рашт шароит фароҳам овард, ки маркази камназири илмӣ ташкил карда шавад. Агар дар замони барқарории давлати пурқудрати шӯроҳо дар ноҳия се нафар олими унвондор кору зиндагӣ кунанд, имрӯз шумораи онҳо афзуда, 12 нафар ҷавонони ҷӯянда дар риштаҳои гуногуни аспирантура таҳсил карда истодаанд.

Соли 2021 барои сокинони ноҳия умуман соли дастовардҳо буд. Дар ин давра майдони кишти картошка ба 3222 гектар расид. Дар 23 гектар боғу токзори нав бунёд гардид, ки аз ин 10 гектараш боғи интенсивӣ буда, 135 фоизи иҷрои нақшаи дурнаморо ташкил медиҳад. Ҳамчунин, қисми зиёди боғҳои харобгардида аз нав бунёд шуданд.

Таҳлилу мушоҳидаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар соли 2022 дар ноҳия ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ бемайлон рушд ёфта истодаанд. Мардуми шарафманди ноҳия содиқона заҳмат мекашанд, ки 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро арзанда пешвоз гиранд.

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

**«Барои таъмин намудани рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар ҳама фаслҳои сол байни минтақаҳои кишвар, инчунин раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, 2400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 километр роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шуд.**

**Бо амалӣ намудани корҳои зикргардида мо соли 2017 ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ ноил шуда, Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил додем ва тавассути долонҳои нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар мамолики дуру наздики хориҷӣ пайвастани онро таъмин намудем».**

***(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 21 декабри соли 2021)***



# ЧӢ ГУНА ТОҶИКИСТОН АЗ БУНБАСТИ КОММУНИКАТСИОНӢ РАҲО ШУД?

Роҳҳо мисли шараёнҳои хунгард дар пайкари давлатанд. Аз ин рӯ, рушду тараққиёт ва пойдории дилхоҳ давлат ба ҳолати роҳҳои он рабт дорад. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, бинобар тобеи як давлат будани кишварҳои Осиёи Марказӣ, рафтуомад ба минтақаҳо дар фасли сармо, ки аксари роҳҳои кӯҳӣ баста мешуданд, тавассути давлатҳои ҳамсоя амалӣ мегардид. Масалан, ҳангоми баста шудани роҳҳои дохилӣ ба вилояти Суғд тавассути Ӯзбекистон ва ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз тариқи Қирғизистон сафар мекарданд. Пас аз истиқлолият ба даст овардани кишварамон зарурати аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ба миён омад ва ин масъала яке аз ҳадафҳои стратегии давлат эълон гардид.

Муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Бобозода изҳор дошт, ки бо ҷидду ҷаҳди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шурӯъ аз соли 1997 марҳилаи сифатан нави рушди соҳа оғоз шуда, нишондиҳандаҳои маҷмааи нақлиёт таъмин гардид.

Сарвари давлат Ҳукумати кишварро мувazzaф намуданд, ки «… дар хусуси бунёди инфрасохторе, ки Тоҷикистонро аз бунбасти коммуникатсионӣ мебарорад ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардониdану дар ҳолати хуб нигоҳ доштани он, инчунин ҷорӣ намудани механизмҳои худмаблағгузорӣ тадбирҳои зарурӣ андешад».

Ҳоло дар кишвар 26 ҳазору 286 километр роҳ мавҷуд аст, ки аз он 14 ҳазору 339 километр роҳҳои истифодаи умум мебошанд ва таъмиру нигоҳдории онҳо бар зиммаи Вазорати нақлиёти кишвар аст. Аз ин 3348 километр - байналмилалӣ, 2127 километр роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 8864 километр роҳҳои маҳаллӣ мебошанд.

### ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи нақлиёт ба маблағи зиёда аз 1,8 миллиард доллари ИМА, 59 лоиҳаи гуногунҷанбаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида, дар доираи онҳо сохтмон, таҷдид ва таъмири 2400 км роҳ, 303 пул, 2 чорроҳаи сесатҳа ва 2 дусатҳа, 6 нақби мошингузар бо дарозии 18 километр, 124 долони зиддитармавӣ бо дарозии 3,4 км, 219 км роҳи оҳан бо 5 пулу 3 нақби қаторагузар бунёду таҷдид ва 601 техника ва таҷҳизот харидорӣ шуд.

Бино ба гуфти муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Бобозода, корҳои сохтмонӣ дар лоиҳаҳои таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар, марҳилаи 1 (33,2 км), Душанбе-Бохтар марҳилаи 2 (39,6 км), роҳи автомобилгарди Кӯлоб - Қалъаихумб, қитъаҳои Кӯлоб - Шамсиддин Шоҳин (А-32 км) ва Шкев-Қалъаихумб (F-26 км) ба анҷом расида, дар марҳилаи кафолатӣ қарор доранд. Сохтмони долонҳои зиддитармавӣ дар роҳи автомобилгарди Душанбе-Чанок ва мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати таъмини устуворӣ зидди хатарҳои табиӣ (сохтмони пулҳо дар ВМКБ), идома доранд.

Корҳои сохтмонӣ дар роҳҳои автомобилгарди «Обигарм-Нуробод», қитъаҳои 1 ва 2, роҳи автомобилгарди Душанбе - Бохтар, Ҳулбук - Темурмалик - Кангурт, Данғара - Оқмазор босуръат пеш рафта истодааст.

- Соли равон татбиқи лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Кулма, қитъаи Қалъаихумб - Ванҷ - сарҳади маъмурии ноҳияи Рӯшон оғоз гардида, лоиҳакашии таҷдиду сохтмони роҳҳои автомобилгард аз сарҳади маъмурии ноҳияи Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнони ВМКБ, Хуҷанд - Конибодом, Балҷувон - Сарихосор, Ховалинг - Сангвор дар марҳилаи анҷомёбӣ аст. Илова бар ин, ҷиҳати омода намудани асоснокунии техникии лоиҳаҳои Хуҷанд – Ашт, Бохтар - Қубодиён - Шаҳритус - Айваҷ, роҳи оҳани Дӯстӣ - Панҷи Поён кор идома дорад.

Ҷиҳати дарёфти сармоя барои таҷдиди роҳи Бохтар - Леваканд - Бохтар, Данғара - Гулистон, Гулистон - Кӯлоб, Панҷ - Дӯстӣ бо шарикони рушд гуфтушунид дорем, - изҳор дошт номбурда.

### ТЕХНИКАИ РОҲНИГОҲДОРӢ - ТАВСЕАБАХШИ ФАЪОЛИЯТ

Роҳсозиву роҳнигоҳдорӣ аз соҳаҳоеанд, ки бидуни техникаву технологияи замонавӣ пеш бурдани он ғайриимкон аст. Аз ин ҷост, ки ба ин масъала низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориҳои парки техникии муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳо куллан нав шудаанд. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ барои муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард 601 техникаю таҷҳизоти замонавӣ ва пуриқтидори роҳнигоҳдорӣ харидорӣ гардидаанд. Ҳоло дар мувозинаи муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди вазорат 1381 техника ва таҷҳизоти роҳдорӣ мавҷуд аст, ки 986 адади он (71,4%) коршоям мебошад.

### ДИЛИ КӮҲИ ХОРОРО ШИКОФТЕМ

Яке аз падидаҳои замони соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо бунёди нақбҳои мошингузар мебошад. Соли 2006 аввалин нақбе, ки кор дар он ҳанӯз замони шӯравӣ шурӯъ шуда буд (нақби «Истиқлол»), ба истифода дода шуд. Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 6 нақби автомбилгузар ва 27 долони зиддитармавӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Нақбҳои «Истиқлол» бо дарозии 4996 метр, «Шаҳристон» - 5253, «Дӯстӣ» – 1047, «Озодӣ» - 2223 метр ва «Хатлон» 4450 метр бехатарии ҳаракатро дар давоми сол таъмин мекунанд. Барои нигоҳдорӣ ва равшаннамоии нақбҳо моҳи октябри соли 2019 Муассисаи давлатии «Нигоҳдории нақбҳо, шабакаи равшанидиҳӣ ва иншооти чароғакҳои роҳнамо дар роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ» таъсис дода шуд.

### ИСТИҚЛОЛ ВА РОҲИ ОҲАН

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар нахустин лоиҳае, ки дар соҳаи роҳи оҳан амалӣ гардид, сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа - Кӯлоб мебошад. Сохтмони роҳи мазкур замоне шурӯъ шуд, ки иқтисодиёти кишвар заиф буд. Тавре Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон зикр кардаанд, нафароне буданд, ки ба амалишавии лоиҳаи мазкур шубҳа доштанд. Нияти нек ва азми қавӣ самар дод ва соли 1999 роҳи оҳани Қӯрғонтеппа - Кӯлоб ба истифода дода шуд. Дарозии умумии роҳи мазкур 132 километр буда, дар ин масир 5 пули калон ва 7 истгоҳу вокзал сохта шудааст.

Бо мақсади рушди соҳаи нақлиёти роҳи оҳан дар ин давра роҳҳои оҳани дохилӣ ва минтақавӣ сохта шудааст. Аз ҷумла, ба муносибати 25 - солагии Истиқлолияти давлатии кишвар қитъаи Ваҳдат-Ёвони роҳи оҳани Душанбе-Бохтар-Кӯлоб мавриди истифода қарор гирифт. Бино ба иттилои Раҳим Бобозода, дар даврони Истиқлолияти давлатӣ 219 км роҳи оҳан сохта шуд.

Баҳри мустаҳкам намудани иқтидори техникии КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» 937 вагон, аз ҷумла 769 вагони боркаш, 168 вагони мусофирбар, 2 вагон-тарабхона, инчунин 7 тепловоз, 2 вагон - тарабхона ва дизел-поезди мусофирбарӣ харидорӣ шуд. 34 истгоҳу 4 вокзали роҳи оҳан азнавсозӣ шудаанд, КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе 5 пули роҳи оҳанро таъмир кард.

### НАҚЛИЁТЕ, КИ ХОСИ ҶУҒРОФИЯИ ТОҶИКИСТОН АСТ

Дар шароити ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 дарсади масоҳати онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, нақлиёти автомобилӣ нисбат ба дигар намудҳои нақлиёт афзалият дорад.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар миқёси ҷумҳурӣ 1900 субъекти хоҷагидори нақлиёти автомобилӣ, ки дар асоси иҷозатнома фаъолият менамоянд, ба қайд гирифта шудааст. Аз ин теъдод 227 корхонаи нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла 99 мусофирбар, 76 боркаш, 52 омехта (бор+мусофир), 45 терминали мусофирбар, 8 терминали боркаш, 77 таваққуфгоҳи нақлиётӣ ва 1543 нуқтаи хизматрасонии техникӣ ва таъмир мебошанд.

Тибқи маълумоти Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилӣ, дар ҷумҳурӣ 527 ҳазору 332 воситаи нақлиёт, аз ҷумла 42 ҳазору 145 боркаш, 463 ҳазору 939 сабукрав, 15 ҳазору 515 мусофирбар, 3411 мототсикл ва 2322 ядаку нимядак ба қайд гирифта шудааст.

Шумораи хатсайрҳои мусофирбарии шаҳру ноҳияҳои мамлакат 876 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 175 адад хатсайрҳои шаҳрӣ мебошанд.

- Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои 4 конвенсия ва 5 созишномаи бисёрҷонибаи байналмилалӣ гардида, бо 15 кишвари хориҷи дуру наздик созишномаҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ дар самти ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ба имзо расид.

Хатсайрҳои нави мусофирбарии байналмилалӣ 23 ададро ташкил дода, интиқоли мусофирон бо истифода аз автобусҳои муосир ба Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон амалӣ шуда истодааст.

Илова бар ин, 37 ширкати нақлиёти ватанӣ дар ҳамбастагӣ бо ассотсиатсияҳои байналмилалии боркашонӣ ҳамлу нақли борҳоро бо кишварҳои хориҷи дуру наздик амалӣ намуда истодаанд. Ҳиссаи интиқолдиҳандагони ватанӣ дар ин самт 70 дарсадро ташкил менамояд, - зикр кард Раҳим Бобозода.

### ТОҶИКИСТОНИ ВОҲИД

Қаблан, бинобар аз минтақаҳои баландкӯҳ убур кардан аксари роҳҳо хатарзо буданд. Шаш моҳ, баъзан зиёдтар робитаи заминӣ байни минтақаҳои шимол ва ғарб ба маркази ҷумҳурӣ қатъ мегардид. Кишвар дар бунбасти шадиди коммуникатсионӣ қарор дошт. Заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самар оварду чанд сол пеш Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ пурра раҳо шуд. Имрӯз дар дилхоҳ фасли сол ҳаракати нақлиёт ба ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин аст. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки Истиқлолияти давлатӣ дар баробари дигар соҳаҳо, ба рушди мунтазами соҳаи нақлиёти кишвар низ заминаи мусоид фароҳам овард.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

**Имсол 31 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мегардад. Дар маркази пойтахти кишварамон қомат афрохтани Маҷмааи «Истиқлолият ва Озодӣ» армуғони бебаҳоест ба мардуми кишварамон.**
**Ҷоиз ба зикр аст, ки Маҷмааи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар асоси ангораи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, ки дар озмуни байналмилалӣ ғолиб омада буд, сохта шуд.**
**Дар ин хусус бо директори «Академияи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон» Фаррух Зуҳуритдинов ҳамсуҳбат шудем.**



# МАҶМААИ «ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ОЗОДӢ» - РАМЗИ ҚУДРАТ, ДОНИШ ВА ЗЕБОӢ

**- Маҷмааи «Истиқлолият ва Озодӣ» хеле пуршукӯҳ ва ғайриодӣ ба назар мерасад. Бигӯед, ки он чӣ хусусият дорад?**

- Маҷмаа шакли манораи бузурги амудии динамикаи болораванда дошта, пирамидашакл бунёд гардидааст. Асоси пирамида ҳаштрӯя буда, ду рӯяи он ҳамчун даромадгоҳ хизмат менамоянд. Аз ду тарафи даромадгоҳ давродаври муҷассама, дар рӯ ба рӯи кунҷҳои байни рӯяҳои пирамида 7 гунбази баландиашон 15-метра бунёд гардидаанд. Аз 30 метр боло пирамида чорруя шуда, дар охир ба тоҷ пайваст мешавад.

Атрофи манора, асоси он то тоҷ бо фурӯзонакҳои шуодиҳандаи рангоранг ороста шудаанд, ки ҳангоми фурӯ рафтани офтоб тобиши 7 ранги тиру камонро ба ҷилва меоранд.

Дар замини назди муҷассама ҳавзу фавворaҳо ҷойгир буда, аз дохил ба воситаи чароғҳои махсуси сурху зардранг таҷҳизонида шудаанд, ки ҳангоми фаввора задан ба гулхани оташ монанд мешаванд.

**- Симурғ дар тафаккури миллати мо ҷойгоҳи хосе дорад…**

- Ҳангоми таҳияи лоиҳа муаллифон ба рамзи мурғи афсонавии симурғ такя намудаанд, ки он дар тафсири мардуми ориёинажод чун парандаи қавибол, бузургҷусса, пурасрор, тоҷдор ва мурғи илоҳӣ буда, ҳарос надорад, шикастнопазир ва ба ҳар сахтӣ тобовар аст. Ин мурғи озоду баномус дар қуллаҳои баланди кӯҳсор лона мегузорад.

Агар ба муҷассама таваҷҷуҳ зоҳир кунед, мебинед, ки ҳашт паҳлуи асосии манора ба ҳашт панҷаи бузурги пойҳои қавии симурғ шабоҳат доранд, ки қадре ба замин фурӯ рафта, бадани азимҷуссаю гардани баланд ва сару чашмони ҷаҳонбини ӯро устувор нигоҳ медоранд. Муҷассама шабонгоҳ, ҳангоме ки чароғҳояш фурӯзон мешаванд, гуногунрангии болу пари симурғро ба ёд меорад, ки он намуди табиати кишвар ва гуногунрангии либосу ҷиҳози ороишии мардуми зебопарасти моро инъикос менамояд.

**- Дар болои муҷассама тоҷ чеҳранамоӣ мекунад...**

- Муҷассама бо тоҷи давлати Тоҷикистон хотима меёбад, ки рамзи тоҷи гузаштагони мо - ориёиёну сомониён мебошад. Дар он давраҳо сатҳи илму фарҳанг ва тамаддуни мардуми мо хеле баланд рафтааст. Бо тоҷ хотима ёфтани муҷассама ишора ба он аст, ки мардум ҳамеша дар ягонагӣ, зери як парчам ва идеологияи ягонаи зиндагӣ мекунанд ва Модар-Ватанро муҳофизат менамоянд.

**- Ҳафт гунбаз дар муҷассама рамзе доранд ё талаботи сохтмони муҷассама ин чизро тақозо мекард?**

- Манораи баланду бузурги чоррӯяи қисми болоии муҷассама, ки давоми пирамидаи ҳаштрӯя аст, 91 метр баландӣ дорад. Он ифодакунандаи устуворӣ, мустаҳкамӣ, расидан ба қуллаҳои баланди орзу ва қудрат аст, ки ба мо мансуб мебошад. Чорпаҳлуии манора рамзи чор самти замин, чор фасли сол, чор унсури табиат (хок, об, оташ, бод)-ро нишон медиҳад. Чор паҳлуи баробар ва чор кунҷи рости он дӯстию бародарӣ, ростгӯию росткориро ифода менамоянд, ки ин хусусиятҳо кафолати рушду инкишофи маданият ва иқтисоди ҳар як миллат ба ҳисоб мераванд.

Баландии 30 метри қисми поёни муҷассама рамзи 30-солагии истиқлолият буда, баландии 91 метрии манора бошад, ба таърихи ба даст овардани истиқлолият мувофиқ меояд, ки он дар соли 1991-уми асри XX рух дода буд.

Ҳафт гунбаз рамзи ҳафт қабати осмон, ҳафт қабати замин, ҳафт иқлим, ҳафт ранги асосии табиат, ҳафт зинаи ташаккули илму маърифат ва худшиносию ҷаҳоншиносии инсониятро ифода менамоянд.

Мувофиқи ривоятҳои авестоӣ, замин дар ҳафт рӯз ба вуҷуд омада, аз ҳафт кишвар иборат будааст. Кишвари якуми он дар байни дигар кишварҳо ҷойгир шуда, бо номи «Хванирас» давлати мардуми ориёнажод будааст.

**- Дар муҷассама ҳалқаҳо ва печутобҳое вуҷуд доранд. Онҳо чӣ маъно доранд?**

- Ҳалқаи мудаввари поёнӣ қисми ҳаштрӯяи пирамидаро бо чоррӯя гӯё пайваст менамояд ва дар баландии 25-30 метр ҷойгир аст. Он монанди камарбанди қавиест, ки миёни манораро мустаҳкам нигоҳ медорад. Дар қисми болоии манора дар поёнтари тоҷ ду ҳалқаи мудаввари баробарандозаи ба ҳам монанд ҷойгир шудаанд, ки ҳалқаи болоии он ҳамчун асоси тоҷ хизмат менамояд. Ин ҳалқаҳо ҳамчун саҳнҳои тамошои атроф низ истифода мешаванд.

Дар байни ҳалқаҳои якум ва дуюм шаш ҳалқаи нафиси дигар ҷой дода шудаанд, ки онҳо қисмати миёнии манораро ба ҳафт қисми баробар ҷудо менамоянд.

Дар маъхазҳои гузаштагони мо зикр гардидааст, ки давра рамзи само, гардиши мудаввари сайёраву ситораҳо, рушду камол ва абадӣ будани дунёро ифода менамояд.

Мунтазам кам шудани ғафсии манора ҳангоми боло рафтан парвозу ҷаҳиши суръатфизоро ба сӯи осмон ифода менамояд, ки маънои расидан ба сатҳи баланди илму маърифат ва ҷаҳоншиносии кайҳониро дорад.

Даромадгоҳи асосии муҷассама хеле васеъю боҳашамат буда, дар саршавии он, рӯ ба рӯи майдони калони назди муҷассама минбари зебои баландияш ҳафт ва дарозиаш 25-метра сохта шудааст, ки барои баргузории чорабиниҳои тантанавӣ пешбинӣ шудааст.

Девори минбар аз сангҳои табиию нодири кишварамон бо санъати баланд кошинкорӣ шудаанд, ки «Нигористон» ном дорад ва қисми марказии онро Нишони давлатӣ оро додааст.

**- Шакли умумии муҷассама ба дарахт шабеҳ аст…**

- Бале, муҷассама рамзи дарахти ҳаёт аст, ки шоху барги он ба сӯи осмон қад афрохта, қисмати поёнӣ ба замин реша дорад.

Дар маҷмӯъ, ин дарахт серҳосилӣ, серию пурӣ, рушду инкишофи ҳаётро ифода менамояд ва баёнгари шикастнопазирӣ ва сарбаландӣ мебошад.

**Суҳбаторо**
**Алиҳайдар ҲАКИМОВ**

---

**Шоир Лутфишоҳи Додо аз аввалин шоирони тоҷик буд, ки баъд аз эълони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар васфи соҳибистиқлолӣ ғазали зеринро гуфтааст:**

## УМР ДИГАР ХОҲАД ШУД

**Парчами мо чу шеди сари фалак боло шуд,**
**Зиндагӣ дар нигаҳи пиру ҷавон воло шуд.**
**Сухан аз ваҳдати гумгашта ба гӯшам омад,**
**Боғи умри ҳама ғарқи сумани зебо шуд.**
**Теғи ӯ хост кунад мағзи диламро маҷрӯҳ,**
**Дасти Ҳақ омаду он теғ ба зери по шуд.**
**Аҳриман аз сари ман рафт, Худо кӯраш кун!-**
**Ҳурмузи фозили ман чун падарам бо мо шуд.**
**Ҳар кӣ афтид ба Баҳманмаҳи торик ба чоҳ,**
**Зулмат аз синаи чаҳ рафту дилаш бино шуд.**
**Тифлаки мардаки деҳқони ба хок олуда,**
**Бишуд аз пахта буруну ба хирад Сино шуд.**
**Мурғи номус зи нав лона ниҳад дар дили мо,**
**Каҷии пушти фалак лӯхтаки нозебо шуд.**
**Коғазникоҳ шикаст аз сухани пири хирад,**
**Қомати пир асо гашту худаш барно шуд.**
**Мулки мому падарам ёфт зи нав тоҷварӣ,**
**Чу ҳубобе зи раҳи рафтаи ӯ аъдо шуд.**
**Пули бишкастаи дилро набудӣ ҳадду ҳисоб,**
**Меҳр пайвасту дили мардуми мо воло шуд.**
**Ҳукми таърих будӣ ё қуввати панҷаи даст,**
**«Раҳбалад» дар сари ҷар хастаю нобино шуд.**
**Тифлакам сафдари бедорию исён гардид,**
**Дар хаёли Ватани хешу раҳи фардо шуд.**
**Теша бар решаи кори дили мо чун бирасид,**
**Паҳлуи сахра бияфтид, чӣ вовайло шуд.**
**Ҷилваи умр аз ин баъд дигар хоҳад шуд,**
**Ки паси пардаи фӯлод шаби ялдо шуд.**

**Лутфишоҳи ДОДО,**
**рӯзномаи «Тоҷикистони шӯравӣ»**
**(«Ҷумҳурият»),**
**№176 аз 10 сентябри соли 1991**

---

**«Дар баробари ин, дар самти зиёд намудани майдони боғу токзор ва ба ин васила, афзун гардонидани истеҳсоли меваҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, ба стандартҳои ҷаҳон мутобиқ ва ба содирот нигаронидашуда тадбирҳо андешида шавад».**

**(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 22 декабри соли 2017)**

# ШУКУФОИИ БОҒОТ - АЗ ФАЙЗУ НУСРАТИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Ин маънӣ зеҳни дилхоҳ хоҷагидорро ба таҳрик меорад ва дар худ як қаноатмандиро эҳсос мекунад, Чунки ин соҳа ба таври бесобиқа ривоҷ ёфт. Аслан, боғдорӣ шуғли қадимаи миллати тоҷик буда, ҳанӯз чор ҳазор сол пеш боғи меваҳои гуногун бунёд карданд.**

**Ин соҳаи зудтараққиёбанда дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳамчун муаррифгари соҳаи кишоварзии кишвар мавқеи назаррас пайдо кард. Дар натиҷаи амалигардонии барномаҳои мақсадноки рушди соҳаи боғу токпарварӣ ҳоло майдони боғот ва токзор ба зиёда аз 200 ҳазор гектар расид. Ҳоло дар боғоти ҷумҳурӣ зиёда аз 75 навъи дарахтони меваю ангур парвариш мешавад, ки дар ғанӣ гардонидани сабади истеъмолии аҳолӣ нақши муҳим доранд. Олимону мутахассисон боғу токпарвариро самараи сиёсати дурусти аграрии кишвар қайд карданд, ки он аз Паёми Президенти мамлакат дар соли 2017 бармеояд.**



Ҳукумати ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ, дар баробари амалисозии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ як қатор барномаҳоро қабул ва амалӣ намуда, барои рушди соҳа аз ҳисоби манбаъҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ беш аз 18 миллиард сомонӣ равона шуд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ майдони боғу токзор 3,6 баробар ва истеҳсоли меваю ангур 4,3 баробар афзоиш ёфт. Ин ба он боис гардид, ки майдони боғу токзор аз 52 ҳазори соли 1991 дар соли 2021 ба 202 ҳазор гектар расида, зиёда аз 700 ҳазор ҷои нави кор таъсис ёбад. Дар рушди ҳамаҷонибаи боғу токпарварӣ саҳми олимону мутахассисони соҳа бориз аст. Зиёд кардани ҳосилнокии навъҳои гуногун, кашф намудани навъҳои ба шароити номусоид тобовар, татбиқи технологияи муосири парвариш ва коркард, инчунин аз омилҳои зиёди дигар - роҳ ёфтан ба фазои кушоди соҳибкорӣ, истифодаи замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, бунёди боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ аз ҷумлаи заҳмат ва тавсияҳои олимон мебошад.

Мувофиқи талаботи «Ташкилоти байналмилалии саломатӣ», меъёри физиологӣ солонаи меваю ангур барои як одам, бо иловаи меваҳои хушк бояд 100 - 124 килограммро ташкил менамояд ва барои таъмини амнияти озуқаворӣи сокинони мамлакат ҳар сол, бо назардошти содирот ба хориҷи кишвар, боғпарварон бояд на камтар аз як миллион тонна меваю ангур истеҳсол намоянд. Табиист, ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2004 «Дар бораи барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015 «Дар бораи барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020» ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таконбахши рушди соҳа гардид. Тибқи онҳо ,дарояндаи наздик истеҳсоли мева ва маҳсулоти мевагӣ дар Тоҷикистон ба дараҷае расонида шавад, ки эҳтиёҷи мардум пурра қонеъ гардида, то соли 2020-ум 20153 гектар боғи нав бунёд гардад. Вобаста ба ин олимону мутахассисони соҳаи боғу токпарварӣ баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда ва беҳтар намудани сифати ҳосили онҳоро вазифаи аввалиндараҷаи кори худ қарор доданд.

Аз маълумоти оморӣи соли 2021 бармеояд, ки дар ҷумҳурӣ 160 ҳазору 533, 27 гектар боғ, 38 ҳазору 570, 4 гектар токзор мавҷуд аст, ки аз он мутаносибан 107 ҳазору 544,27 ва 33 ҳазору 750, 1 гектар ҳосилдиҳанда буда, соле ба ҳисоби миёна 473,3 ҳазор тонна мева ва 267 ҳазор тонна ангур истеҳсол мешавад. Агар истеҳсоли ангур дар соли 1991-ум 92 ҳазору 607 тонна бошад, пас соли 2021 то 267 ҳазору 400 тонна расид. Айни замон дар Тоҷикистон истеҳсоли мева ба 470 ҳазор тонна расонда шуд, ки назар ба соли 1991 қариб ҳафт маротиба зиёд аст.

Тоҷикистон манбаи меваҳои хушки донакдор буда, беш аз 80 дарсади ғулинг ва 25 дарсади баргаку аштаки Осиёи Марказиро истеҳсол мекунад. Феълан, дар ҷумҳурӣ зиёда аз 60 ҳазор гектар чунин боғҳо мавҷуданд. Гуфта метавонем, ки боғдорӣ дар ҳама шаклҳои нави хоҷагидорӣ бо истеҳсоли маҳсулоти дорои сифати баланди молӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза аз имтиҳони «иқтисоди бозоргонӣ» гузашт. Истиқлолияти кишвар, инкишофи муносибатҳои нави бозоргонӣ талаб менамояд, ки маҳсулотро бо технологияи замонавӣ, мутобиқ ба талаботи меъёрии ҷаҳонӣ манзур намоем. Бунёди боғҳои навъҳои гуногуни зардолу дар шароити иқлими Тоҷикистон аҳамиятнок аст. Табиат ранги дигар мегирад. Аз дигар тараф, аз ин ҳисоб, дар замини корами водиҳо имкони васеъ барои рушди сабзавоткорӣ пайдо мешавад.

Ҳоло таваҷҷуҳи мардуми хориҷӣ ба маҳсулоти табиӣ бештар гардидааст, чунки онҳо дарк кардаанд, ки инсон зиёда аз 81 унсури кимиёии барои организм заруриро ба воситаи меваҳо мегирад. Хосиятҳои дигари дарахтони мевадиҳанда – аз шаҳди гули онҳо истеҳсоли асал мебошад, ки дар бозори ҷаҳони бебаҳост. Аз ин ҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳаи самаровари кишоварзӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз хоҷагиҳои зардолупарвар боздид карда, боғпарваронро барои парвариши бештари зардолу даъват намуданд. Ин иқдому ташаббусҳои Сарвари давлат ба хоҷагидорон рӯҳу илҳоми тоза бахшид.

Бунёд кардани боғ, пеш аз ҳама, ба хосияти биологии мева ва иқлим рабт дорад. Масалан, агар дар ноҳияҳои вилояти Суғд парвариши навъҳои гуногуни зардолу ва шафтолую бодом мувофиқ бошад, иқлими водии Қаротегин барои парвариши анвои дерпазаки ноку себ шароит фароҳам меорад, ноҳияҳои водии Вахш бошад, барои рӯёнидани меваҳои субтропикию ситрусӣ, махсусан лимӯ, мувофиқ аст.

Ҳоло 80 дарсади боғоти дарахтони меваи донакдорро дар миқёси ҷумҳурӣ вилояти Суғд ташкил мекунад. Олимону мутахассисон дар ҷумҳурӣ парвариши 11 навъи анор, қариб 70 навъи зардолу, 17 навъи себ, 15 навъи нок, 5 навъи лимӯ, 15 навъи шафтолу ва миқдори зиёди навъҳои меваи таҳҷоиро ба роҳ монданд. Тибқи маълумоти оморӣ, кишвари мо аз ҷиҳати истеҳсоли зардолу, лимӯ ва анор дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷои аввалро ишғол менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар ва таъмини бозорҳои дохилии кишвар, бо тавсияи олимону мутахассисони варзида роиҷ гардид, ки аллакай аз маҳсули он мардум баҳраваранд.

Дар натиҷаи истифодаи ин навоварӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон аз соли 2011 то ин дам бунёди чунин боғҳо ба роҳ монда шуд. Акнун ҳосилнокии ҳар гектар боғҳои мазкур аз 300 то 700 сентнерро ташкил медиҳад. Ҳосилнокии боғҳо аз як гектар нисбат ба боғҳои муқаррарӣ 8-10 маротиба баланд буда, қобилияти тезҳосилдиҳиро доранд, ки ин ба арзиши аслии маҳсулот бетағйир намемонад.

Месазад, меҳнати пурмаҳсули олимону селексионерони намоёни соҳа – Аҳмад Пӯлодов, дар зардолупарварӣ, В. Л. Данилов, С. Т. Скороход, дар офаридани навъҳои шафтолу, А. Д.Савченко, Ф. У. Урунов ва А. Азимов – навъҳои ангур, В. И. Сулая, С. М. Гулов, Қ Руқниддиноворо дар ситруспарварӣ қадр намоем. Онҳо тавонистанд, ки дар самаровари фаровони дарахтони мевадор ва усулҳои боэътимоди парвариши онҳо тадбирҳои судманд андешида, дар даврони истиқлолияти давлатӣ нуфузи мамлакатро дар миқёси ҷаҳон баланд бардоранд.

Новобаста аз дастовардҳои назарраси истеҳсолии соҳа дар даврони истиқлолияти давлатӣ захираҳои истифоданашуда хеле зиёданд. Дар Тоҷикистон зиёда аз 750 ҳазор гектар замини бекорхобида ва боғу токзори камҳосил мавҷуд аст, ки бунёду барқароркунии онҳо барои рушди кишоварзӣ, аз ҳама бештар барои боғу токпарварӣ, манфиатбахштаранд. Бо истифода аз технологияи инноватсионӣ дар чунин мавзеъҳо бунёди боғҳои интенсивӣ, гармхонаҳо ва токпарварӣ бо усули ҷадид рушди беш аз пеши соҳаро таъмин хоҳад кард.

**Турсунбой АҲМАДОВ,**
**академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон,**
**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

---

# БУНЁДИ МИЛЛАТ АЗ МАОРИФ ОҒОЗ МЕЁБАД



**ДАСТОВАРДҲО ДАР РАҚАМҲО**

**Соҳаи маориф ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Таи ин солҳо барои рушди он корҳои назаррас ба иҷро расида, бунёд кардани муассисаҳои зиёди таълимӣ, фаро гирифтани хонандагону донишҷӯён ба таълиму тарбия аз ҷумлаи иқдомҳои роҳбарияти олии мамлакат аст.**
**Тавре чанде пеш Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон бахшида ба Рӯзи дониш иброз доштанд: «Мо ба хотири рушди илму маориф тамоми захираву имкониятҳоро равона кардаем ва ин корро минбаъд низ бомаром идома медиҳем. Зероояндаи миллат ва фардои давлат ба наслҳои ватандӯсту ватанпараст, бонангу номус, дорои ҳисси баланди миллӣ, соҳибмаърифату донишманд, забондон, дорои ҷаҳонбинии васеъ, меъморону муҳандисон, ихтироъкорону навоварон, дигар ихтисосҳои замонавӣ ва касбу ҳунарҳои муосир вобастагии мустақим дорад».**

Оид ба дастовардҳои соҳаи маориф ва рушди ин бахши муҳим месазад, аз дастовардҳои 31 соли истиқлолияти давлатӣ ёдовар шавем. Бахусус, бунёд кардану таъсис додани 32 муассисаи таҳсилоти олӣ, 41 муассисаи таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ ва 3246 мактаб, аз ҷумла 156 муассисаи таълимии типи нав, яъне гимназия, литсей, мактабҳои байналмилалӣ ва 300 муассисаи томактабӣ далели иқдомоти созандаи Ҳукумати мамлакат мебошанд.

Муассисаҳои типи навро, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолият шурӯъ карданд, метавон яке аз дастовардҳои соҳа дар даврони истиқлолияти давлатӣ номбар кард.

Бо мақсади интихоб ва тайёр намудани мутахассисони лаёқатманд дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри 2009 таҳти №671 Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байнамилалӣ» ба фаъолият оғоз кард. Инчунин, бо мақсади тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар барои хонандагони лаёқатманд бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 таҳти № 208 Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дурахшандагон» таъсис дода шуд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони кишварро тавассути Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» дар асоси Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Дурахшандагон», бурсияҳои таҳсил, ки аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо мегарданд, инчунин созишномаҳои байниҳукуматию соҳавӣ, созишномаҳои ҳамкории байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба хориҷи кишвар мефиристад.

Бино ба маълумоти Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, ҳоло 41 ҳазору 542 шаҳрванди кишвар дар 27 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ таҳсил доранд.

**7 МИЛЛИАРД СОМОНӢ ДАР ЯК СОЛ БАРОИ РУШДИ СОҲА**

Ҳукумати мамлакат маблағгузориро барои рушди илму маориф сол ба сол афзоиш медиҳад. Хусусан, соли 2022 ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардид, ки нисбат ба соли 2021 - ум 706 миллион сомонӣ ё ин ки 11,3 фоиз зиёд буда, 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар соҳаи маориф чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 1 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Барои соҳа, дар маҷмӯъ, қариб 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Илова бар ин, соли ҷорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои барномаҳои давлатии соҳа, хусусан, дар самти таҳсилоти томактабӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз, рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ аввалин маротиба ба таври мутамарказ 32 миллион сомонӣ ҷудо шуд.

Бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ҷорӣ мешавад.

Дар робита ба ин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш таъкид карданд, ки сатҳу сифати тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷдиди назар мехоҳад. Аз ин рӯ, бояд сохтори идоракунии низоми таҳсилоти олии касбӣ такмил дода, барои татбиқи усулҳои нави таълим тадбирҳои амалӣ андешида шаванд. Ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати тайёр кардани касбҳои коргарӣ то охири соли ҷорӣ сохтори алоҳидаи идоракунии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро ташкил кунад.

Яке аз соҳаҳое, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд, соҳаи маориф аст: « … бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф - сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ваояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад».

Дар замони соҳибистиқлолӣ маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул гардиданд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамоянд. Дар маҷмӯъ, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ барои ислоҳоти низоми маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот равона шудаанд.

Алҳол дар мамлакат қонунҳои махсуси соҳавӣ таҳия, қабул, ҷонибдорӣ гардида, дар амал татбиқ шуда истодаанд. Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» ва «Дар бораи парки технологӣ» имкон фароҳам меорад, ки соҳаи маорифи кишвар ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ шуда, пешравии соҳа таъмин гардад.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ,**
**«Садои мардум»**

# ДОИР БА ҶОМӢ ВА НАВОӢ ФИЛМИ БАДЕӢ БА НАВОР МЕГИРАНД



**Солҳои охир ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон густариш ёфта истодаанд. Санъаткорони ӯзбекистонӣ ба Тоҷикистон сафари ҳунарӣ доштанд. Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар сатҳи баланд гузаронида шуд.**

Инак, дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатӣ боз як муждаи нав - киносозони ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ҳамдастӣ аз ҳаёти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ филми бадеӣ ба навор мегиранд. Ин масъулияти муҳими давлатӣ бар уҳдаи Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» ва Киностудияи «Ӯзбекфилм» гузошта шуд.

Ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор созишнома ва шартномаҳои ҳамкорӣ миёни ду кишвари ҳамсоя ба имзо расиданд.

11 июни соли 2021 ҳангоми боздид аз вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Қасри Арбоб бо роҳбарон, аҳли зиё ва фаъолону собиқадорон вохӯрда, ҳангоми баромад чунин иброз дошт: «Дар арафаи сафари мо ба Тоҷикистон Рӯзҳои кинои Ӯзбекистон бомуваффақият гузашт. Фикр мекунам, вақти он расидааст, ки беҳтарин анъана ва ҳамкориҳои ходимони кинои ҳар ду кишварро аз нав ба роҳ монем. Ман дирӯз ба бародарам (манзур Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон. Т. Н.) гуфтам, ки шахсан ман ин орзуро дар дил мепарварам.

Ман мехоҳам ба шумо орзуямро гӯям, ки дар экранҳои кино филми бадеӣ бахшида ба дӯстии байни халқҳои мо, аз ҷумла дӯстии байни Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоиро бинам!

Бешубҳа, ман дирӯз ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтам, ки ҳар қадаре душвор бошад ҳам, мо якҷоя чӣ қадар арзиш дошта бошад, бояд ин филмро таҳия намоем?

Бигузор ҷавонон донанд, ки мо чӣ қадар решаҳои қадимии дӯстии амиқ ва таърихӣ дорем…

Ҳоло фурсати он расидааст, ки ин ҳадафро амалӣ гардонем ва ман бовар дорам, ки шумо моро дастгирӣ мекунед».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин пешниҳоди Шавкат Мирамоновичро бо камоли майл дастгирӣ карда, изҳор намуданд, ки ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки дар таҳияи филми бадеӣ аз ҳаёти ҳар ду бузургмард саҳми хешро мегузорад.

Баъд аз ин пешниҳод дар Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» таҳти роҳбарии директор Маҳмадсаид Шоҳиён аз ҳисоби олимон, таърихшиносон, адабиётшиносон, адибон, киношиносон, драматургон гурӯҳи корӣ ташкил шуд. Ба гурӯҳи корӣ филмҳои мустанади «Абдураҳмони Ҷомӣ» (истеҳсоли Агентии кинематографияи Ӯзбекистон, соли 2021) ва «Абдураҳмони Ҷомӣ» (истеҳсоли МД «Тоҷикфилм», соли 1964) намоиш дода шуд.

Азбаски он айём бемории сироятии COVID -19 дар ҷаҳон паҳн шуда буд, ҳайати гурӯҳ ба хулоса омаданд, ки бо ҳампешагони ӯзбекистонӣ аз тариқи онлайн вохӯрда, аз мақсаду мароми ҳамдигар огоҳӣ ёбанд ва ҳамкории дутарафаро ҳангоми таҳияи сенарияи филм ба роҳ монад.

9 июли соли 2021 аввалин видеоконференсия миёни олимону киносозони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон гузашт. Дар он гурӯҳи зикршуда иборат аз нависандагону драматургон ва киношиносону нависандагон, ҳамчунин таҳиягарони кино Искандар Усмонов ва Муҳаббат Сатторӣ иштирок карданд.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон директори генералии Агентии кинематографияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Фирдавс Абдухоликов, ҷонишини директори генералии Агентии кинематографияи Ӯзбекистон Ш. Ризаев, сенарист Рустам Ҷабборов ва дигарон иштирок доштанд.

Ҳамин тариқ, гурӯҳҳои корӣ борҳо тариқи онлайн бо ҳам мулоқот ва видеоконференсияҳо гузарониданд ва ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафари корӣ анҷом доданд.

18 августи соли ҷорӣ дар МД «Тоҷикфилм» дар ҷаласаи шӯрои бадеӣ сенарияи «Дурахши ахтарон» мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар ҷаласа директори МД «Тоҷикфилм» М. Шоҳиён, мушовири илмии филм, академик А. Раҳмонзода, доктори илми филологӣ Шодимуҳаммад Сӯфизода, корманди илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик М. Орумбекзода, дотсент, санъатшинос С. Музофиршоева, сенариянавис ва режиссёр С. Ҳақдодов ва аъзои шӯрои бадеии МД «Тоҷикфилм» иштирок намуда, сенарияи «Дурахши ахтарон»- ро мавриди муҳокима қарор доданд.

Гурӯҳи корӣ эроду иловаҳоро нисбат ба сенарияи аз ҷониби ҳамкасбони ӯзбекистонӣ пешниҳодшуда баён намуданд. Ҷонибҳо ба хулоса омаданд, ки бояд симои ҳар ду - Ҷомӣ ва Навоӣ дар як радиф тасвир карда шаванд.

Барои амалӣ намудани ин иқдом муаллифони сенария Сафар Ҳақдодов аз Тоҷикистон ва Рустам Ҷабборов аз Ӯзбекистон, режиссёрони филм Файзулло Файз аз ҷониби Тоҷикистон ва Юсуф Раззоқов аз Ӯзбекистон интихоб шуданд.

Инак, кор дар рӯи сенарияи филми бадеии «Дурахши ахтарон» (номи шартӣ) ва коркарди режиссёрӣ хеле ҷиддӣ оғоз гардид. Боварӣ ҳаст, ки дар муддати як сол банаворбардории филми номбурда ба охир мерасад ва мо - тамошобинон шоҳиди боз як падидаи хуби фарҳангӣ хоҳем гашт.

**Тиллои НЕККАДАМ,**
**«Садои мардум»**

**Истиқлол ва озодӣ ду вожае, ки бо ҳам пайванди ҷовидон доранд. Истиқлол бе озодӣ маъно надораду озодӣ бе истиқлол. Ҷуброн Халил Ҷуброн мегӯяд: «Зиндагӣ бидуни озодӣ монанди бадани бидуни рӯҳ аст». Миллате ҳам, ки озодиву истиқлол надорад, мисли ҷисми беҷон аст. Мисли ҳамон мурғи хонагиест, ки бол дорад, аммо парвоз карда наметавонад.**

# ПАЙКАРИ ФАРРУХУ ФАРХУНДАИ ИСТИҚЛОЛЕМ

Суқрот мегӯяд, ки барои пайдо кардани худ ба худатон фикр кунед. Агар ин андешаро дар сатҳи як миллат арзёбӣ кунем, эҳсос менамоем, ки танҳо миллати бедору огоҳ ва боҳувият ба камоли худ мерасад ва дар ин дунёи пур аз тазод ҷойгоҳ ва мақомашро пайдо месозад.

Гузаштагонамон ба ҳувияти хеш меандешиданд, бо фарҳангу тамаддуни хеш ифтихор мекарданд. Рустами таҳамтан барояшон рамзи тавоноӣ ва қудрат буд. Ҳеҷ паҳлавону размандаи миллати ғайрро бо ӯ баробар намекарданд.

Рустамҳо зиндаанд ва ҳатто барои нишон додани қудрату тавоноии миллати тоҷик аз зери хок ҳам қад алам мекунанд, ба мубориза мехезанд.

Ошо гуфтааст: «Озодии воқеӣ ҳамеша маънавӣ аст ва ин марбут ба дарунитарин бахши вуҷуди шумост, ки наметавон онро занҷир кард, дастбанд зад ё ба зиндон андохт». Дар тӯли асрҳо тоҷик озодии маънавии хешро ҳифз кардааст, ҳамон озодие, ки барои муҳоҷимон дастнорас буд, ҳамон озодие, ки ниёконамонро бо қувваи маърифат ба парвоз меовард ва онҳоро шикастнопазир мегардонд.

31 сол аст, ки мо соҳиби Истиқлолияти давлатӣ ҳастем. Ин шумора аз назари замон хеле кам аст, вале ин муддати кӯтоҳ ба мо болу пар бахшид, бароямон дарси парвоз омӯхт.

Нависанда ва шоири англис Шарлот Брунто ҷое таъкид мекунад: «Ман паранда нестам ва ҳеҷ тӯре наметавонад маро ба дом бияндозад. Ман як инсони озод бо иродаи мустақил ҳастам». Оре, мо имрӯз инсони озод бо иродаи мустақил ҳастем. Роҳи моро истиқлолият ба сӯи фардо боз кардааст.

**СУХАН АЗ БЕДОРИСТ**

Адабиёт бузургтарин воситаи таъсиррасон ба рӯҳи инсон аст. Хусусан, шеър, ки мо тавассути он шодиву нишот, дарду ғам, меҳру ихлос, нафрату муҳаббати хешро баён месозем. Миллати мо бо шеър нафас мекашад, бо шеър сухан мегӯяд, шоирро дӯст медораду эҳтиром мекунад.

Шоирони мо дар даврони истиқлолият ба шеър пару боли тоза бахшиданд. Мафҳумҳои Ватан, озодӣ ва истиқлолият дар шеър хеле барҷаста шуданд. Агар ба мазмуну муҳтавои ашъори шоирони муосир назаре андозӣ, ба хубӣ эҳсос менамоӣ, ки се мафҳуми зикршуда ҳамдигарро пур мекунанд. Ба қавли Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло:

**Сухан аз истиқлол –**
**сухан аз бедорист!**
**Қад ба қад бо шарафу нанги**
**Ватан хестан аст,**
**Ҳама борон шуда бар**
**хушкии он рехтан аст!**
**Сухан аз истиқлол –**
**сухан аз озодист!**
**Ҳама ҷо даст ба даст,**
**Ҳама ҷо китф ба китф,**
**Аз сари бухсу бало**
**хестан аст,**
**Аз фиребу тамаъу макру**
**риё хестан аст!**
**Чунки як-як ҳама мо**
**Пайкари фарруху**
**фархундаи истиқлолем,**
**Худи мо бо ҳама тан**
**Парчами пирӯзӣ,**
**Парчами иқболем.**

Шоир бори маънии истиқлолро дар ин шеър тафсир мекунад ва онро на танҳо ба бедориву озодӣ пайванд мезанад, балки ин суханро (истиқлолро) ба виҷдон, пораҳои дилу ҷигару ҷон баробар месозад. Шеъри шоир шиори хушк нест, балки каломест, ки бо қомати таманнои истиқлол сабз шудааст, рӯҳ гирифтааст, бол баровардааст:

**Сухан аз истиқлол –**
**сухан аз сохтан аст!**
**Чу сутунҳо ба бинои меҳан**
**Қомат афрохтан аст!**
**Қасрҳое, ки ба худ сохтаем**
**бод обод!**
**Лек бояст кунун**
**Худамон қасри шуҷоат ва**
**муҳаббат ва садоқат бошем,**
**Худамон қасри ҳунар,**
**пайкари ҳиммат бошем.**

Шеъри «Сухан аз Истиқлол»-и Камол Насрулло кохест, ки бо хиштҳои заррин сохта шудааст. Яъне, дар ин шеър ҳар як вожа як хишт аст, хиште шодоб аз ишқ ва меҳру бовар. Ба ибораи дигар, ҳар хишт як огоҳист, ки хонандаро бедор мекунад, ӯро бо моҳияти соҳибистиқлолӣ ошно месозад.

Ба бовари шоир, мо ба Истиқлолияти давлатӣ муфту арзон соҳиб нашудаем, балки асрҳо он бо хуни мо ҷорӣ гаштаву бо ёду ишқи он ҷабри таърихро кашидаем. Рӯҳи истиқлолхоҳии мо дар тамоми давру замонҳо моро тарк накардааст, балки ҳастии моро ҷон бахшидааст:

**Ин туӣ, к-аз пайкару**
**пайкори мо рӯидаӣ,**
**Ин туӣ, к-аз дидаи**
**бедори мо рӯидаӣ.**

**Ин туӣ рӯида аз таърихи**
**хунини Ватан,**
**Аз сари сангину аз тамкину**
**аз кини Ватан.**

Миллате, ки ба озодиву истиқлол расид, нафаси озод мекашад ва ба осоиш мерасад. Ин озодиву истиқлолу осоиш танҳо дар Ватан метавонад амалӣ шавад. Шоирон имрӯз Ватанро – Тоҷикистонро тавсиф мекунанд, меситоянд ва бо он ифтихор менамоянд. Ватане, ки дар шеъри шоирони муосир ситоиш мешавад, аз Ватане, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ буд, фарқ дорад. Ин Ватан соҳиби озодӣ ва истиқлол аст.

Ба қавли Давлати Раҳмониён:

**Ай кӯҳи Ватан, ба туст**
**рӯи суханам,**
**Ҷӯшида чу мумиё**
**зи санги ту манам.**
**Бар фарқам агар**
**тоҷи саодат биниҳанд,**
**Бинам, ки дар он лаъли**
**ту набвад, фиканам.**

Шоир худрову санги Ватанро яке медонад ва мисли мумиё аз он мерӯяд. Яъне, шираи санги Ватан, ки давои дардҳост шахси шоир аст. Дар кулл ҳар тоҷик дар оғӯши Ватан зиндагии мумиёӣ дорад. Шоир дар байти дигар месарояд:

**Азбас сухани Ватан**
**зи ҷонам хезад,**
**Ҷон аст, ки медамад**
**ба ҷисми суханам.**

Давлати Раҳмониён низ саршор аз ҳамин ишқ аст, аз ҳавои Ватан нафас мекашад ва саҷдагоҳаш низ дар ҳамин хоки пок аст.

**Чун саҷдагаҳи ҳазор пуштам**
**Ватан аст,**
**Н-афтад зи даҳан ҳадиси**
**ҳуббулватанам.**

Хулоса, дар ашъори шоирони мо Ватан маънии ишқу истиқлол ва озодиро дорад. Ин чаҳор вожаи муқаддасро намешавад аз ҳам ҷудо кард. Онҳо дар якҷоягӣ маънии ҳамдигарро пур мекунанд, сабз мешаванд ва болу пар мебароранд.

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

# КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТӢ 24 ҲАЗОРУ 774 НАФАРРО СОҲИБТАХАССУС КАРД

**Пурра ба таҳсил фаро гирифтани наврасону ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар зери таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати мамлакат қарор дошта, қабули қонуну барнома, консепсия ва қарорҳои дахлдор оид ба соҳа ба рушди зинаҳои таҳсил ва баланд гардидани сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат намуд.**

Яке аз иқдомҳои шоистае, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 1997 анҷом доданд, таъсиси Квотаи президентӣ маҳсуб меёбад. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 апрели соли 1997 дар Анҷумани сеюми иттиҳодияҳои занон, созмонҳои ғайриҳукуматии занони ҷумҳурӣ масъалаи таъсиси Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён гузошта, зикр намуданд, ки барои ҳар чӣ бештар ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва роҳбарии истеҳсолӣ ҷалб намудани занон бояд аз ҳисоби духтарон мутахассисони соҳаҳои гуногун хоҷагии халқ барои таъмин намудани ноҳияҳои дурдаст тайёр карда шавад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ин иқдом имкон фароҳам овард, ки духтарону писарон аз ноҳияҳои дурдаст бештар ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар шомил гарданд.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли таҳсили 1997-1998 бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси машваратии занони фаъоли ҷумҳурӣ (аз 26 апрели соли 1997) ва дар вохӯрӣ бо ҷавонон (23 майи соли 1997) бо қарори мушовараи худ (аз 30 майи соли 1997 таҳти №6/2) ва фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (№442 аз 1 августи соли 1997) барои довталабон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар квотаи махсусро ҷорӣ намуд, ки мувофиқи он ҳар сол духтарони деҳоти дурдаст ва аз соли таҳсили 2005-2006 писарони болаёқати деҳоти дурдасти кишвар тибқи суҳбат, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул мешаванд.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар 26 соли таъсиси Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои духтарону писарони деҳоти дурдасти кишвар аз 61 шаҳру ноҳия ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 26 ҳазору 67 ҷой (15 ҳазору 914 ҷой барои духтарон ва 10 ҳазору 153 ҷой барои писарон) ҷудо гардидааст.

Ҳар сол вазорату идораҳои соҳавӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар доираи квотаҳои муқарраршуда, бо назардошти афзалиятнокии ихтисосҳои омӯзгорию тиббӣ, барои соли таҳсили оянда номгӯи ихтисосҳоро барои духтарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва писарони лаёқатманд таҳия ва ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

Дар навбати худ, вазорат, бо назардошти талаботи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мутахассисон, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо нақшаи қабули донишҷӯёнро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсил аз рӯи ихтисосҳо таҳия карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се давр доир мегардад. Даври якум дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, даври дуюм бо иштироки ғолибони даври якуми озмун барои ҳар як ихтисоси пешниҳодшуда дар сатҳи ноҳия (шаҳр) ва даври сеюми озмун аз ҷониби комиссияи ҷумҳуриявие, ки аз ҳисоби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад, гузаронида мешавад.

Озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар даври сеюм дар асоси саволномаҳои тестӣ (хаттӣ), ки аз рӯи гурӯҳи ихтисосҳо (кластер) бо забони давлатӣ аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони фаннӣ ва таъсиси гурӯҳҳои корӣ барои ҳар як ихтисоси ҷудошуда дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва тасдиқ мегарданд, баргузор мешавад.

Дар замони муосир ҷалби ҷавонон ба илм ва ихтироот дар бисёр кишварҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Яке аз ҳадафҳои тибқи Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсил ҷалб намудани духтарону писарони болаёқат ин фароҳам овардани имконият ба корҳои илмию таҳқиқотӣ ва ихтироъкорӣ мебошад.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**

# МУЗАФФАРИЯТҲОИ БЕСОБИҚА ДАР 31 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**СУҲБАТИ САМИМИИ ПРЕЗИДЕНТ БО ВАРЗИШГАР**

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21-уми майи соли 2021 зимни мулоқот бо ҷавонон, ки ба муносибати Рӯзи ҷавонон сурат гирифт, бо қаҳрамони ҷаҳон оид ба самбо Хушқадам Хусравов чунин суҳбат карданд:**

**- Соли таваллудат чанд аст?**

**- Соли таваллудам 1993 мебошад.**

**- Ҷавони замони истиқлолият, офарин!**

**- Барои тамрини бадан шароит ҳаст ва оё ягон мушкилӣ вуҷуд дорад?**

**- Не, ягон мушкилӣ надорем. Фақат кӯшиш менамоем, ки Парчами давлатамонро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем.**

**- Ду карат чемпиони ҷаҳон шудӣ?**

**- Ду карат чемпиони ҷаҳон шудам ва панҷ карат чемпиони Осиё ҳастам.**

**- Акнун як чизро ба ман бигӯ, ҳар вақте ки ба шарофати шумо Парчами давлатиро боло мебардоранд, чӣ эҳсосот шуморо фаро мегирад? Ашк аз чашмонат рехт ё не?**

**- Муҳтарам Ҷаноби Олӣ, ҳангоми ба макони ҷоизасупорӣ баромадан таҳти навои Суруди Миллӣ Парчами давлатӣ парафшон мешавад, инсонро як эҳсосоте фаро мегирад, ки онро худи варзишгар дарк мекунаду халос.**

**- Бале, ҳамин аст, мақсаду мароми ҳар варзишгар.**





**НАЗАРЕ БА РУШДИ ВАРЗИШ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ**

Воқеан, соҳаи варзиши кишвар таи солҳои соҳибистиқлолӣ бесобиқа рушд намуд. Заминаҳои аввалини рушди соҳаи варзиш баъди ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ аз таъсису барқарорсозии муассисаҳои варзишӣ ва баргузор кардани чорабиниҳои оммавии варзишӣ оғоз гардид. Рақамҳо исбот мекунанд, ки дастовардҳои арзандае, ки варзишгарони кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ ноил шуданд, бесобиқаанд.

Роҳбарияти кишвар ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба солимии ҷомеа, бахусус насли наврас таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин замина бунёди иншооти варзишӣ, тадбирҳо бобати ҳавасмандгардонии варзишгарон, пайваста гузаронидани чорабиниҳои бонуфузи варзишӣ ва ғайраҳо тавсеа ёфт.

Зикр кардан бамаврид аст, ки қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон», «Дар бораи тайёрии варзишӣ», давра ба давра қабулу амалигардидонии «Барномаи дурнамои инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ҷиҳати мустаҳкам намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа ва ҳавасмандгардонии варзишгарон заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Бо ҷаҳду талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсису барқарор намудани мактабҳои варзишӣ, бештар баргузор намудани чорабиниҳои оммавӣ, варзишӣ, солимгардонӣ ва таъмини иштироки варзишгарон идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб мешавад.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ҳоло дар ҷумҳурӣ беш аз 9000 иншооти варзишӣ, новобаста ба шакли моликият ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 117 варзишгоҳ, 6204 майдончаи варзишӣ, 1655 толори варзишӣ, 85 ҳавзи шиноварӣ ва 789 маҷмаа бошанд.

Солҳои пешин кӯдакону наврасон бештар фароғати худро бо машғул шудан ба бозиҳои варзишии коллективӣ, аз қабили футболу волейбол, баскетболу теннис ва ғайра мегузарониданд. Ин анъанаи неки варзиширо бояд идома диҳем. Ҳоло майдончаҳои зиёд дар пойтахт барои наврасон бунёд гардида, ин ташаббуси оқилона дар вилояту марказҳои шаҳру ноҳияҳо низ амалӣ гашта истодааст.

Таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати мамлакат ба соҳаи варзиш аст, ки солҳои соҳибистиқлолӣ варзишгарони тоҷик бо дастовардҳои бузурги варзишиашон Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намуданд. Барои мисол, қаҳрамони бозиҳои олимпии Рио-Де Жанейрои Бразилия Дилшод Назаров, ҷоизадори медали биринҷии Бозиҳои олимпӣ ва ҷаҳон оид ба дзю-до Расул Боқиев, ҷоизадори медали биринҷии Бозиҳои олимпӣ оид ба бокс Мавзуна Чориева, чемпиони Осиё оид ба дзю-до Фаррухи Салим, ҷоизадори медали нуқраи Чемпионати ҷаҳон оид ба дзю-до Хуршед Маҷидов, чемпиони Осиё оид ба тирпаронӣ Малика Лагутенко, ҷоизадори медали биринҷии чемпионати Осиё оид ба бокс Шоираи Зулқайнар, ҷоизадори медали нуқраи чемпионати ҷаҳон оид ба самбо Набимуҳаммад Хоркашев, чемпиони Осиё оид ба дзю-до Комроншоҳи Устопириён, чемпиони Осиё оид ба қаиқронӣ Шаҳриёр Даминов, чемпиони ҷаҳон оид ба гӯштини самбо Беҳрӯз Хоҷазода, чемпиони ҷаҳон оид ба гӯштини самбо Хушқадам Хусравов, чемпиони ҷаҳон оид ба гӯштини самбо Акмалиддин Каримов ва ҷоизадори чемпионати Осиё оид ба дзю-до Темур Раҳимов ифтихори миллату давлат ҳастанд.

Шумораи шогирдони футболбозони тоҷик, ки дар бошгоҳҳои хориҷӣ бозӣ мекунанд, сол то сол зиёд мешавад. Дар айни замон беш аз 20 нафари онҳо дар бошгоҳҳои кишварҳои Аврупову Осиё ҳунарнамоӣ мекунанд.

Ба дастовардҳои варзишгарон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз соли 2015 инҷониб Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ таъсис дода шуд.

Мардуми Тоҷикистон аз пирӯзиву комёбиҳои варзишгарону паҳлавонони ҷасури кишвар, ки дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ сазовори медалҳои олимпӣ ва дигар мукофоту дастовардҳо гардидаанд, ифтихор доранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои рушду инкишоф ва оммавияти варзиш ниҳодҳо аз қабили Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи миллии олимпӣ ва федератсияҳои миллии варзишӣ саҳми арзанда доранд.

**ДАСТОВАРДҲОИ ВАРЗИШИИ СОЛИ 2022**

Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш дар навбати худ барои таъмини оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим, ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба варзиши касбӣ ва муҳайё намудани имкониятҳои мусоиди инфрасохторию ташкилӣ барои варзишгарон дар доираи ваколатҳояш талош карда истодааст.

Аз кумитаи мазкур иттилоъ доданд, ки маҳз бо таваҷҷуҳ ва дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат дар нимсолаи якуми соли 2022 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 44 иншооти нави варзишӣ, аз ҷумла 28 майдончаи варзишӣ, 13 толори варзишӣ ва 3 маҷмааи варзишӣ бо харҷи 86 миллиону 56 ҳазору 884 сомонӣ сохта шудааст. Аз маблағи харҷшуда 9 миллиону 438 ҳазору 884 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва 76 миллиону 618 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби сарпарастон мебошад.

Дар ин давра аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва сохторҳои маҳаллӣ дар ҷумҳурӣ 22 ҳазору 620 чорабинии оммавӣ – варзишӣ, солимгардонӣ ва машқҳои пагоҳирӯзӣ бо фарогирии 1 миллиону 979 ҳазору 250 нафар баргузор шуд.

Боиси хурсандист, ки имсол кишвари мо мизбони чанд чорабинии сатҳи байналмилалӣ гардид. Аз ҷумла, чемпионати Осиё оид ба кураш, мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштингирӣ барои дарёфти «Ҷоми пойтахт» бахшида ба «Наврӯзи байналмилалӣ-2022», чемпионати Осиё оид ба велосипедронӣ дар шоҳроҳ, мусобиқаи байналмилалӣ оид ба дзю-до барои дарёфти «Ҷоми Ҳоҷӣ Шариф», мусобиқаи байналмилалӣ оид ба теннис барои дарёфти «Ҷоми Душанбе-2022», мусобиқаи байналмилалӣ оид ба теннис барои дарёфти «Ҷоми кушоди Душанбе-2022», мусобиқаи байналмилалӣ оид ба теннис барои дарёфти «Ҷоми кушоди Федератсияи тенниси Тоҷикистон -2022», мусобиқаи байналмилалӣ оид ба волейбол байни дастаҳои Осиёи Марказӣ, мусобиқаи байналмилалӣ оид ба теннис барои дарёфти «Ҷоми кушоди Тоҷикистон - 2022», «Ниммарафони байналмилалии Душанбе - 2022» доир шуданд.

Ба шарофати иштирок дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ варзишгарони кишвар ба хазинаи варзишии мамлакат 269 медал ворид намуданд, ки аз ин шумора 64 медали тилло, 77 нуқра ва 128 медали биринҷӣ мебошад.

Дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ 269 маротиба Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барафрохта, 64 маротиба Суруди Миллӣ дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ садо дод.

**ДАСТГИРИҲО БЕПОДОШ НАМЕМОНАНД**

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷиҳати дастгирии ҷавонон ва рушду ташаккул ёфтани неруи зеҳниву ҷисмонии онҳо аз ҷониби Ҳукумати мамлакат таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, сол то сол ғамхорӣ нисбат ба ин қишриояндадори ҷомеа меафзояд.

Хушбахтона, бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ҳоло дар деҳоти дурдасти кишвар ҳам майдону толорҳои муосир барои рушди варзиш ва оммавигардонии он бунёд ва мавриди истифода қарор гирифта, тадбирҳои дигар дар ин самт роҳандозӣ гашта истодаанд.

Хурсандиовар аст, ки масъулини соҳаи варзиш ва ҳама варзишгарон аз таваҷҷуҳу дастгириҳои Ҳукумати мамлакат бохабар буда, барои ному Парчами давлатии кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд кардан шабонарӯзӣ заҳмат мекашанд.

Боварӣ дорем, ки Тоҷикистон бо чунин варзишгарони ҷасуру ватандӯст ва иқдомҳои бузурги варзишпарваронаи Пешвои миллат натиҷаҳои баландро соҳиб гардида, ҳамчун кишвари комилан варзишӣ ва пешрафта дар арсаи байналмилалӣ мавқеашро боз ҳам устувортар хоҳад кард.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# СОҲИБИ ШАЪН ВА ИФТИХОРИ ДИЁР

**Деҳаи Янгибоғи деҳоти ба номи Ҷӯра Раҳмони шаҳри Турсунзода аз гӯшаҳои маъруфи диёри номдорамон маҳсуб ёфта, онро фарзандони меҳнатқарину обрӯманд, бонангу ор ва қавииродааш машҳури кишвар ва берун аз он намудаанд. Номи деҳқонони асил – Ҳоҷӣ Камол Мадумаров (рӯҳаш шод бод) ва Ҳоҷӣ Неъмат Усмонов, ки фарзандони ҳамин деҳаанд, вирди забонҳост.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафарҳои кориашон ба шаҳри Турсунзода борҳо ба деҳаи Янгибоғ ташриф оварда, бо сокинони он суҳбатҳои самимӣ анҷом доданд.

- Ҳоҷӣ Камол ва Ҳоҷӣ Неъмат дӯстони наздики ман мебошанд. Биноан, ҳар гоҳе ба шаҳри Турсунзода ба сафари корӣ оям, ҳатман вақт ёфта, барои дидорбинӣ бо онҳо вақт ҷудо мекунам, зеро дуою фотеҳаи ин пирони кору рӯзгор ва барнодил, устодони соҳаи боғдории мамлакат баракат дар кор меафзояд, - ибрoз доштанд Пешвои миллат зимни яке аз сафарҳояшон ба шаҳри Турсунзода.

Соли 2016 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин кӯча, деҳа, шаҳрак, ноҳия ва шаҳр» эълон гардида, деҳаи Янгибоғ шоҳҷоизаи озмунро низ ба даст овард.

Чанде пеш бо мақсади огоҳӣ аз набзи рӯзгори сокинони беҳтарин деҳаи ҷумҳурӣ ба он ҷо сафар кардам.

Дар маркази деҳа, назди бинои маъмурии хоҷагии деҳқонии «Неъмат Усмонов», аз нақлиёт поён ва дохили бино шудам. Дар ҳуҷра ду нафар машғули кор буданд. Аз мақсади омаданам хабардор шуда, ба раиси маҳалла занг заданд.

Чанде нагузашта назди идораи хоҷагӣ трактор таваққуф карду аз паси чанбари он шахсе поён омад. Ӯ низ маро дидан замон табассум дар лаб сӯям қадам монд.

Шахси чеҳрааш бароям ошно Искандар Назаров, раиси кумитаи маҳаллаи деҳаи Янгибоғ будааст.

- Шуморо шинохтам, акаи Абдумаҷид, ёд оред солҳои котиби ташкилоти комсомолии Раёсати сохтмонии «Алюминсохтмон» буданатонро. Ҳамон солҳо ман нав ба кор омада будам. Бисту се сол дар қитъаи панҷуми «Алюминсохтмон» ба сифати коргар, усто, прораб ва сардори қитъа кор карда, бо сабаби беморӣ ба нафақа баромадам ва ба деҳқонӣ машғулам. Ҳашт сол пеш раиси пештараи кумитаи маҳалла бо хоҳиши худ аз вазифа истеъфо доданд ва дар ҳамон маҷлис Ҳоҷӣ Камол (равонашон шод бод) аз ман хоҳиш карданд, ки ақаллан як сол иҷрои ин вазифаро ба зимма гирам. Инак, як сол ба ҳашт сол тӯл кашид, - ба суҳбатамон оғоз кард Искандар ва чанд сухан аз хусуси деҳаашон ба забон овард:

- Янгибоғ аз 417 хоҷагӣ иборат буда, дар он беш аз 2300 нафар зиндагӣ мекунанд. Аксарияти аҳолии қобили меҳнати деҳа саҳмдори ду хоҷагии калон – «Боғи Сомон», «Неъмат ҳоҷӣ» ва панҷ хоҷагии хурди дигари деҳқонӣ ба нигоҳубини боғот ва парвариши ангур машғуланд. Ангури боғоти мо маъруф бо номҳои ҳусайнии сафед, сиёҳ, «Ангушти бонувон», «Ғалаба», «Шоҳона», «Президент», «Кардинал», «Кишмиши сиёҳ», «Кетмандаста», «Қорагузал» бо таъми лазиз дар дохил ва берун аз ҷумҳуриамон талабгори зиёд доранд.

Дар гирду атрофи деҳаи мо умуман замини лалмӣ мавҷуд нест. Ба ҳама қитъаҳои бе об тавассути насосҳо об бароварда шуда, ба боғоти ангур табдил ёфтаанд.

- Шаш сол пеш, ба муносибати 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон деҳаи Янгибоғ ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин деҳа», ҳамчунин, сазовори шоҳҷоизаи озмун гардид. Аз назари шумо кадом омилҳо ба он мусоидат карданд? Бовариатон комил аст, ки агар имсол ҳам чунин озмун баргузор мегардид, деҳаи шумо аз шумули беҳтаринҳо дониста мешуд? – мепурсам аз раиси маҳалла.

- Мехоҳам посухро аз ҷавоб ба қисмати охири саволатон шурӯъ намоям. Дар шаш соли охир дар шаҳрамон озмуни «Беҳтарин деҳа» гузаронида мешавад ва тамоми ин солҳо Янгибоғ беҳтарин деҳаи шаҳри Турсунзода эътироф гардида, сазовори ҷоизаҳо, аз ҷумла, автомашинаи сабукрав шуд ва мо ҳамдеҳаҳо аз ин ифтихор мекунем.



Муваффақиятҳои мо аз файзу баракати истиқлолият ва меҳнати софдилонаю садоқатмандона аст. Дар Янгибоғ ягон шахси бекор нест. Шахсони қобили меҳнат аз субҳи содиқ то фарорасии шом дохили боғоти ангур, замини президентӣ ё қитъаи замини наздиҳавлигӣ машғули коранд.

«Деҳқонӣ таътил надорад», - мегӯянд, ки рост аст. Шурӯъ аз моҳҳои январу феврал кор дар боғоти ангур шурӯъ шуда, то охирҳои моҳи ноябр, яъне, то ба охир расидани ҷамъоварии ҳосил, идома меёбад. Мо аз Пешвои миллат сипосгузорем, ки бо ду фармонашон дар бораи ҷудо кардани қитъаҳои замин сокинони деҳотро дастгирӣ намуданд. Сокинони деҳаи мо, дар маҷмӯъ, қариб 30 гектар замини президентӣ доранд ва дар давоми сол аз он ду ҳосили пурраи сабзавот, аз қабили бодирингу помидор, караму гулкарам, турбу шалғам, булғориву лаблабуи сурх парвариш ва ҷамъоварӣ намуда, як қисми онро барои эҳтиёҷоти хонаводаашон нигоҳ дошта, ҳиссаи бештари дигарро ба бозор мебароранд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва саҳмдорони алоҳида дар ҳудуди деҳот, аз ҷумла деҳаи мо, ҳамчунин, якчанд яхдон бунёд карда, аз ҳосили ҷамъоварда як қисмашро дар онҳо нигоҳ медоранд. Ангур дар давоми 6-8 моҳ дар он бе гум кардани сифат нигоҳ дошта, барои фурӯш ба бозорҳо пешниҳод мешавад.

Як масъаларо махсусан таъкид карданиям: Дар хоҷагиҳои деҳқонии ҳудуди деҳоти ба номи Ҷӯра Раҳмон, аз ҷумла деҳаи мо, беш аз 1500 нафар сокини маркази шаҳри Турсунзода, деҳоти дигари шаҳр ва ноҳияи Шаҳринав дар паҳлуямон заҳмат мекашанд. Барояшон шароити зарурӣ фароҳам овардаем. Онҳо барои омадан ба ҷои кор ва бозгашт аз техникаи хоҷагиҳо ройгон истифода мекунанд. Субҳона ва хӯроки нисфирӯзиашон аз ҳисоби хоҷагии деҳқонӣ ва саҳмдорон муҳайё гардида, ҳар рӯз дастмузд низ мегиранд.

Дар деҳа ба масъалаҳои иҷтимоӣ аҳамияти махсус зоҳир мегардад. Нахуст мехоҳам зикр намоям, ки дар деҳа се маъюби гурӯҳҳои I ва II зиндагӣ карда, бо кумакҳои гуногуни иҷтимоӣ пурра фаро гирифта шудаанд. Соҳибкорони деҳа ба оилаҳои камбизоати деҳаҳои дигари ҳудуди деҳот низ кумак мерасонанд.

Бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 92 -и деҳа, ки дар он 417 хонанда таҳсил намуда, 42 омӯзгор ба онҳо таълим медиҳанд, соли 1999 аз ҳисоби шахси барӯманду хайрхоҳи деҳа, деҳқони овозадор Ҳоҷӣ Камолиддин Мадумаров (рӯҳашон шод бод) бунёд шудааст. Дар пайравӣ ба пири кор се сол пеш аз ҳисоби сокинони маҳалла барои мактаб бо харҷи 450 ҳазор сомонӣ толори варзишии замонавӣ бунёд кардем. Дар ҷавоб ба ин хонандагони муассисаи таълимӣ бо кӯшишу ғайрати дучанд дониш меандӯзанд. Чанде пеш ду хонандаи мактаб дар олимпиадаи ФИКО, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баргузор шуд, аз фанни математика соҳиби ҷойҳои 2 ва 3 шуданд, ки шаҳодати гуфтаҳои болост.

Омӯзгорон ва шаш корманди техникии муассиса, аз ҷониби хоҷагии деҳқонии «Боғи Сомон» бо хӯроки ройгони нисфирӯзӣ таъмин мебошанд. Илова бар ин, хоҷагӣ ба муносибати иду ҷашнҳо ба онҳо орду равған тақсим карда, маблағ ҷудо менамояд.

Бунгоҳи тиббӣ, се мағоза, варзишгоҳи тобистона, сартарошхонаю нонвойхона ва ду чойхонаи мавсимӣ дар хизмати мардуманд. 4,5 километр роҳи дохили деҳа аз ҳисоби сокинони бонанги маҳалла пурра мумфарш гардид. Ҳатто роҳҳои сӯи боғоту заминҳои президентӣ тӯлкашида низ мумфарш мебошанд.

Ҷӯйборҳои аз назди ҳавлии сокинон гузаранда пурра бетонрезӣ шудаанд. Соли 2018 бо маблағгузории хоҷагиҳои деҳқонии «Боғи Сомон», «Неъмат ҳоҷӣ», маҳалла ва кумаки Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ дар деҳа пули нав мавриди истифода қарор гирифт.

Аз оби нӯшокӣ танқисӣ надорем. Ба ҳавлии ҳар як сокини деҳа лӯлаи об гузаронида шудааст. Бамаврид аст ёдовар шавем, ки сокини деҳа Ҳоҷӣ Акрам Усмонов аз ҳисоби худ ба 25 оила хати об гузаронид. Соҳибкорони Янгибоғ дар якчанд деҳаи дигар низ барои сокинони онҳо нуқтаҳои оби нӯшокӣ баровარданд.

Аз канори деҳаи мо дарёи Қаратоғ ҷорист. Он айёми баҳорон пуроб шуда, ба деҳа хавфи обхезӣ таҳдид мекунад. Бо мақсади пешгирии офат бо иқдоми шахси обрӯманди деҳа, Ҳоҷӣ Неъмат Усмонов дар масофаи 1700 метр соҳилмустаҳкамкунӣ шуд. Ҳамчунин, дарғот бардошта шуда, дар 25 гектар аъзои хоҷагии деҳқонии «Неъмат ҳоҷӣ» шоликориро роҳандозӣ намуданд.

Нуктаи ҷолиби дигар он аст, ки қариб ҳама хонаводаҳо трактори гуногунтамға доранд, ки дастёри беминнаташон дар кори деҳқонӣ мебошад.

Профессори фахрии Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, раиси хоҷагии деҳқонии «Неъмат ҳоҷӣ» Ҳоҷӣ Неъмат Усмонов ба шахсони хоҳишманд боғбонӣ меомӯзад. Ба шунавандаҳо баъди хатми машғулиятҳо сертификат дода мешавад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр барои бонувону ҷавондухтарони деҳа курсҳои чеварӣ ва пазандагӣ ташкил намуда, барои онҳо стипендия низ муқаррар кардааст.

…Баъд аз суҳбат бо раиси маҳалла сӯи боғоти ангур ва заминҳои президентии сокинони деҳ роҳ пеш гирифтем. Роҳ аз миёни деҳа мегузарад. Биноҳои хуштарҳу замонавӣ, кӯчаҳои ободу зебо ба ҳусни деҳа афзудаанд. Дар токзор бо гурӯҳи саҳмдорон ва коргарони мавсимӣ вохӯрдем. Ҳама ба ҷамъоварии ангур машғул мебошанд. Суҳбаткунон бо раиси маҳалла ба яке аз қитъаҳои замини президентӣ расидем. Аз дидани манзара бинандаро завқ мебарад: чор нафар ба чидани бодиринги резкарда машғуланд, ҳамсояҳояшон гулкараму лаблабуи сурх ҷамъ меоранд, як қитъа он сӯтар ду нафар машғули обмонии караму қаламфури булғорӣ ва чидани помидори рангаш алвонии пухтарасида.

Шоҳиди он гардидам, ки падар ба писару набера чӣ тавр муносибат кардан бо ангурзорро меомӯзаду модар ба духтаронаш боэҳтиёт чидани бодирингу помидорро ёд медиҳад, то ин ки навдаҳои серҳосил зери по нашаванд. Бародари калонӣ ба хурдӣ боэҳтиёт ҷудо кардани гулкарамро аз пояаш нишон медиҳад.

Ба як маънӣ, насли ҷавон аз пирони кор таҷриба меандӯзанд, то ин ки пайравону идомадиҳандаи кори неки падарону бобоёнашон бошанд, зеро онҳо аз меҳнати ҳалол шарафу обрӯ ёфта, деҳашон ба воситаи он Ватани маҳбубашонро, ба гӯшаи зебои диёри одамони наҷиб табдил додаанд.

**Абдумаҷид МУРОДОВ,**
**«Садои мардум»**

# ҲИФЗИ ДАСТОВАРДҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ МУҲИМУ ЗАРУРИСТ

**Мардуми шарафманди Тоҷикистон бо меҳнати шоиставу тафаккури волои сиёсӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ 31 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамонро бо дастовардҳои нодир ва рӯҳияи баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандориву меҳанпарастӣ таҷлил менамоянд.**

Муҳимтарин дастоварди замони соҳибистиқлолӣ таъмини сулҳу оромӣ, аз хатари нобудӣ наҷот додани давлатдории миллиамон ва аз парокандагӣ раҳо бахшидани миллатамон мебошад.

Ба туфайли Истиқлолияти давлатӣ мардуми меҳнатқарини тоҷик дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла иқтисодиёт, маориф, фарҳанг, техникаву технология, энергетика, тиб, иҷтимоиёт, ба пирӯзиҳо ноил гардид.

Истиқлолият ба мо, пеш аз ҳама, озодӣ дод, ки барои ҳар инсон мисли обу ҳаво муҳиму муқаддас аст. Инчунин, барои амалӣ гардидани орзуҳои ҳар як шаҳрванд имконияти зарурирo фароҳам сохт.

Аз ин лиҳоз, мебояд, ки ҳар як фарди солим қоидаву қонунҳоро риоя намуда, барои беҳбудии зиндагӣ, тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ талош варзад.

Дар мадди аввал чунин дастовардҳои муҳим дар сиву як соли Истиқлолияти давлатӣ метавон номбар намуд: Аввалан, дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шудани Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, ба узвияти комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шудани он ва суханронии нахустини Пешвои миллат аз минбари ин созмон.

Дуюм, ба ҳайси Сарвари давлат интихоб шудани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хотимаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, таъмини сулҳу оромӣ, ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ дар кишвар.

Сеюм, оғози бунёди давлати миллӣ ва ташаккул ёфтани мактаби давлатдории миллии Пешвои миллат, ки ба бунёди ҷомеаи адолатпарвар нигаронида шудаанд.

Чорум, муайян намудани ҳадафҳои стратегӣ – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар.

Панҷум, эҳёи расму оин ва фарҳанги миллии тоҷикон, ба ҳайси забони давлатӣ мақоми хоса пайдо кардани забони тоҷикӣ, муаррифии мероси адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ, бузургдошти доимии чеҳраҳои мондагор ва фарзандони барӯманди миллат.

Шашум, ба Феҳристи Мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО ворид намудани Саразм (соли 2010), Боғи миллии Тоҷикистон (соли 2013), ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил гардидани «Шашмақом» (соли 2008), Наврӯз (соли 2010), «Оши палав» (соли 2016) ва «Чакан» (соли 2018), бо қарорҳои ЮНЕСКО арҷгузорӣ намудани як қатор шахсиятҳои фарҳангии тоҷикон.

Ҳафтум, ба оилаҳои кишвар дастрас намудани китоби «Тоҷикон»- и Бобоҷон Ғафуров ва нашри китоби «Қуръон» бо тарҷума ба забони тоҷикӣ, гиромидошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ва мазҳаби ҳанафия ба ҳайси мазҳаби суннатии миллат.

Ҳаштум, дигаргун сохтани симои пойтахти кишвар, бунёди нақб, пул ва роҳҳои бузурги автомобилгарду роҳи оҳан дар кишвар ва ба давлати пешрафта табдил ёфтани Тоҷикистон аз ҷиҳати сифати роҳҳои автомобилгард.

Албатта, дастовардҳои Тоҷикистон дар сиву як соли Истиқлолияти давлатӣ хеле зиёд буда, ба соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар дахл доранд.

Истиқлолияти давлатӣ заминаи мусоидро дар самти фаъолияти мақоми олии назорати молиявӣ - Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овард. Ин ниҳод меваи даврони соҳибистиқлолӣ буда, аз рӯзи таъсисёбӣ ҷиҳати барқарор намудани маблағҳои буҷети давлатӣ, арзёбии мақсаднoку самаранок истифода намудани маблағҳо ва захираҳои давлатӣ саҳми бориз гузошт. Чунончи, дар ин давра мақоми олии мазкур дар натиҷаи амалӣ намудани чорабиниҳои аудиторӣ миллионҳо сомонӣ зарари молиявиро оид ба қоидавайронкуниҳо муайян ва ба буҷети давлатӣ барқарор намуд.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ба дастовардҳои назарраси давлатӣ комёб шуда бошем ҳам, дар марҳилаи мураккабу ҳассоси ҷаҳони имрӯза, ба иттиҳоду якдилӣ, ваҳдати миллӣ, маърифату зиракии сиёсӣ, худшиносӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстиву ватандорӣ бештар ниёз дорем.

**Афзалшоҳ СОЛИЕВ,**
**Шаҳлои ҚУДРАТ,**
**кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# АФЗАЛИЯТҲОИ ҶАМОАҲО БАҲРИ БЕҲСОЗИИ ИНФРАСОХТОРИ МАҲАЛЛӢ

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳо бо Бонки ҷаҳонӣ маблағҳои грантиро барои амалисозии «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» ҷалб намуда, лоиҳаи мазкурро Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон татбиқ намуда истодааст.**

**Бо мақсади интихоб гардидани афзалиятҳо баҳри беҳсозии инфрасохтори маҳаллӣ тавассути усули рушд бо ташаббуси ҷомеа иштироки фаъоли аҳолӣ дар ин раванд таъмин шуда, ҷиҳати амалисозии чунин чорабиниҳо ду шарик оид ба омӯзиш ва мусоидат дар минтақаҳои фарогир фаъолият менамоянд.**

**Дар ин замина афзалиятҳои ҷамоаҳои ноҳияи Ванҷ, Шуғнон, Ишкошим, Панҷ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва шаҳри Кӯлоб тибқи талаботи лоиҳавӣ муайян шуда, дар доираи татбиқи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» зерлоиҳаҳо оид ба бунёди иншоотҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои гуногун маблағгузорӣ мегарданд.**

# REQUEST FOR EXPRESSION OF INTEREST

**(CONSULTING SERVICES - SELECTION OF FIRMS)**
**Country: Republic of Tajikistan**

**Project: Water and Irrigation Management Improvement Project in Tajikistan**

**Grant No. : IDA TF073815**

**Task Title: Preparation of a feasibility study and design estimates for the rehabilitation of the Dangara irrigation tunnel and the Beshkent hydroelectric complex.**

**Reference Number : SWIM-CS-QCBS-02**

The International Development Association and the European Union have allocated a grant to the Republic of Tajikistan for the implementation of the «Project to improve the management of water resources and irrigation in Tajikistan», which covers the basins of the Vakhsh, Zarafshan and Kafirnigan rivers. The development objective of the project is: (1) capacity building in water resources planning and irrigation management in Tajikistan; (2) improving the efficiency of selected irrigation systems in the areas of the Vakhsh and Zarafshon river basins.

The Project implementation agencies are the Ministry of Energy and Water Resources of the Republic of Tajikistan (MEWR) and the Agency for Melioration and Irrigation under the Government of the Republic of Tajikistan (ALRI). The Project Implementing Agencies are the State Institution «Project Management Center for Fergana Valley Water Resources Management» (PMU) under ALRI and the Project Implementation Unit under MEWR.

Within the framework of the Project, it is planned to prepare a feasibility study and design estimates for the rehabilitation of the Dangara Irrigation Tunnel (DIT) and the Beshkent Hydroelectric Complex (BGU), as well as the critical rehabilitation of the DIT and BGU.

Consulting services («Services») include: Task 1. Conduct survey, survey and research. Task 2. Development of a feasibility study for various rehabilitation options. Task 3. Development of working drafts and tender documents. Task 4. Author's supervision during the construction period.

The period for completing the tasks defined in this Terms of Reference is 36 months from the start date, including the mobilization period.

The Terms of Reference (TOR) for the initial stage of procurement under the assignment is attached to this Request for Expression of Interest and can be found at the following link:

**https:**

The «Tajikistan Water and Irrigation Management Improvement Project», acting as contracting authority for this assignment on behalf of the Government of Tajikistan, invites eligible consulting firms («Consultants») to express their interest in providing the Services. Interested Consultants must provide information proving that they have the necessary qualifications and relevant experience to perform the Services.

**The selection criteria are as follows:**

The consulting firm must demonstrate at least ten years of experience in the development of a feasibility study, design and field supervision in the field of assignment; successfully completed contracts for the development of a feasibility study, design and survey work and architectural supervision and a list of currently pending contracts in the scope of the assignment; experience in performing similar tasks in projects financed by international donor organizations; experience of key personnel in the field of assignment (project activity) for at least ten years.

The attention of interested Consultants is drawn to section III, paragraphs 3.14, 3.16 and 3.17 of the World Bank document. «Procurement Regulations for IPF Borrowers (FIP)» (July 2016, edition of November 2017 and August 2018 and November 2020) - Procurement under investment project financing of goods, works, non-consulting and consulting services («Procurement Regulations»), establishing the World Bank's Conflict of Interest Policy.

Consulting firms may associate with other firms to enhance their skills, but must clearly state whether the association is a form of joint venture and/or a subconsulting company. In the case of a joint venture, all joint venture partners are liable for the entire contract, if selected.

The Consultant will be selected in accordance with the quality and cost based selection method set out in the Procurement Regulations.

Additional information can be obtained at the address below during business hours from $09^{00}$ to $17^{00}$ (local time) .

Expressions of interest must be sent in writing in English and Russian to the address below (in person, or by mail, fax, or e-mail) before September 21, 2022 at $17^{00}$ (local time).

**Project Management Center**
**Attention: Mr. Safarali Karimzoda, Director of PMU FVWRMP**
**Republic of Tajikistan, Dushanbe,**
**734054 , Tajikistan, Dushanbe, st. Shamsi, 5/1**
**Tel: +992 (372) 36-62-08**
**Fax: +992 (378) 81-11-85**
**Email address: fvwrmp@mail.ru**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми А – 111554-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нуробод) соли 1992 ба Давлатзода Дилрабо додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0194844 тахти қайди 5927-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Ваҳдат 25 феврали соли 2020 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Симиганҷ, деҳаи Калон ба Нуралиев Нурулло Вайсидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0003665 тахти қайди 378-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2006 ба Ҷонбобоев Армон Сунатилоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А 02579709-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2019 ба Халифаев Баҳриддин Саймаҳмудович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ тахти № 36023-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Ҳисор соли 2016 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Дурбат ба Саидов Маҳмад додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Истиқлол -1», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 1910006450 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Восеи вилояти Хатлон додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Беҳзод», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо РЯМ 0210011029, РМА 020033065 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ 16 июли соли 2010 додааст, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Саховат – Н», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 2410000432, РМА 240003863 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Муъминобод 9 апрели соли 2010 додааст, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 7 сентябри соли 2022, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха

Навбатдорони шумора Н. Низомӣ, Ҳ. Тоҳирӣ, Ш. Атобуллоев ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров